Дар “Таърихи Бухоро” шар~и авомили даргир$ ба <арори зер аст: “Чун аз ин ~ол (барх\рди нахустини ду бародар – С.А.) понзда~ мо~ баромад, амир Наср кас фиристод ба талаби мол, амир Исмоил мол бозгирифт ва нафиристод. Амир Наср нома кард ба Рофеъ, ки вай замон карда буд. Рофеъ низ номае ба амир Исмоил кард бад-ин маън$. Амир Исмоил илтифот накард. Амир Наср дигарбора лашкар~о |амъ кард, ~ама аз а~ли Моваруннa~р ва Абулашъас аз Фар@она биёмаду дигарбора р\й ба Бухоро оварданд”.[1] Чунонки пайдост, иллати асл$ адами итоат дар инти<оли амвол ва шикасти паймони <абл$ дониста шудааст. Чаро Исмоил ба номаи Рофеъ ибни ^арсама ~ам, ки дар файсалаи мо|арои аввал миён|игар$ карда буд, эътиное зо~ир накард? Оё омил~ои дигаре низ ву|уд доштанд, ки авзои сиёсиро шиддат ва ташанну| бахшидаанд? Му~аммади Наршах$ бидуни тава||\~ ба ин матолиб, бо истинод ба суханони амир Исмоил, ки аз Наср барои иштибо~аш узр хоста буд, \ро

му|рим ва гуна~кори сар задани барх\рд~о ба шумор овардааст. Аз <авли Наршах$ Исмоил хитобан ба Наср гуфтааст: “Ё амир, ~укми худой ин буд, ки маро бар ту берун овард. Имр\з ба чашми хеш мебинем ин кор бад-ин азимиро”. Амир Наср гуфт: “Мо мутаа||ибем бад-ин кор, ки ту овард$, ки итоати амири худ надошт$ ва фармоне, ки худои таъоло бар ту карда буд, нагузорид$”. Аммо Исмоил гуфт: “Ё амир, ман му<иррам, ки хато кардам ва ~ама гуно~ марост”.[2]

Аммо дар ахбори Наршах$ нуктае мав|уд аст, ки ин муамморо аз |и~ати дигар, аз |и~ати ~олати р\~ию равон$ андаке р\шно$ мебахшад ва он, мутаассифона, аз назари муаррихон дур мондааст. Со~иби “Таърихи Бухоро” навиштааст: “Амир Насрро ин сухан (пешни~оди Рофеъ ибни ^арсама дар бораи сул~ – С.А.) хуш омаду сул~ карданд бад-он ки амир каси дигар бувад Бухороро. Ва амир Исмоил омили хиро| бувад ва амволи девону хутба ба номи вай набувад. Ва ~ар соле понсад ~азор дирам биди~ад. Ва Наср ибни А~мад \ро (Исмоил – С.А.) бихонду Ис~о< ибни А~мадро низ. Ва (\ро) хилъат доду амирии Бухороро ба вай дод. Ва амир Исмоил бад-он ризо дод”.[1] Яъне як шарти ба созиш расидани бародарон аз амирии Бухоро даст кашидани Исмоил будааст. Табиист, ки аз ин и<дом нафси Исмоил, ки инсоне бо@урур ва амире му<тадир буд, ко~иш ёфт.

Зимнан ин тадбири Наср таарруз бар исти<лоли инсон$ ва амирии Исмоил буд ва ботинан \ро ба аксуламал ва дарёфти ма<оми соби<аи худ та~рик менамуд. ^окими Моваroунна~р бо баргузидани бародари дигараш – Ис~о< ибни А~мад ба аморати Бухоро к\шиш доштааст, ки ин вилоятро ~амвора та~ти назорат <арор биди~ад ва ба ин васила дар ро~и исти<лолталаби~ои сиёсиву и<тисодии Исмоил монеае бунёд созад. Лекин та<сими <удрат дар миёни Ис~о<у Исмоил ба туфайли кордониву сиёсатмадории охир$ на ба фоидаи Наср, балки ба манфиати Исмоил ан|ом пазируфт. Ин матлабро |араёни баъдинаи во<еъа~о – дар му~орибаи дувум ба Исмоил гаравидани Ис~о< ибни А~мад ба хуб$ тасбит менамояд. Ин |узъиёти му~им дар манобеъи дигар ба чашм нарасид ва фа<ат бо эътимод ба асолати ахбори дигаре, ки муаллифи “Таърихи Бухоро” зикр намудааст, метавон ба си~~ати он итминон ~осил кард.

Чанд тан аз муаррихони <адим омили дигар - фитнасози~о ва дасиса~ои атрофиёни Насрро дар лашкаркаши~ои ду бародар ру|~он ни~одаанд. Чунончи, Гардез$ тазаккур додааст, ки “миёни эшон (Наср ва Исмоил – С.А.) нек\ кор ~амерафт, то бадг\ён миёни эшон та~риз карданд ва ва~шат афканданд ва онро мадад ~амекарданд, то он ва~шат бодат ёфт ва муста~кам гашт, то кори эшон ба ~арб расид ва лашкар~о бикашиданд ва ба ~арби якдигар рафтанд”.[2] Бино ба ахбори ^амдулло~и Муставф$ “... дар санаи и~до ва ситтина ва миатайн (261/874-875) М\ътамади халифа тамоми вилоят (Мовароунна~р – С.А.) ба Наср ибни А~мад ибни Асад ибни Сомон дод, ки аршади он <авм буд. Бародараш Исмоил аз <ибали \ ~окими Бухоро шуд. Муфаттинон миёни бародарон хусумат афканданд. Наср ба |анги Исмоил рафт”[1] ва ба <авли Мирхонд “ва |амъе аз хабисон, ки лаънат бар эшон бод, фурсат ёфта ба самъи Наср расониданд, ки м\иби му~аббати Исмоил бо Рофеъи ^арсама он аст, ки мехо~ад, ки ба мадади \ туро аз Мовароунна~р берун кунад”.[2]

Бидуни тардид таърихгузорони мазбур бо тава||\~ ба манти< ва |араёни ростини во<еъот дар дарёфти иллат~ои аслии набарди Наср ва Исмоил ами<тар тааммул карда, ро~и инсоф ва му~окима~ои холисонаи илмиро пеш гирифтаанд. Бино ба ташре~и эшон масъалаи мол$ ба~онае буд, ки тавассути он бадг\ёну ~асудон ва афроди тахтталаб ран|иш ва хусумати Насрро бештару <авитар сохтанд ва \ро ба <асди бародар биш\рониданд. Агар Исмоил дар сар ~авои исти<лолу исён мепарварид, баъди пир\з$ бо таассуб ба а~дофи худ ~аргиз бародарро боз дар тахти салтанат намешинонд. Ба @айр аз ин нозукрав$, борикандеш$ ва дурбинии сиёсии амир Исмоил, ки шахсияти \ро мумтоз карда буд, \ро аз чунин и<доми нангини хонабарандоз ва мухолиф бо рою тадбир ва суннат~ои кишвардории а|додаш бозмедошт. ^амчунин хул<и Исмоил, ки бино ба ~аводиси таърих ва ахбори манобеъ бо сифат~ои ~у|астаи инсониву |авонмард$ ороста буд, ба ~е| ва|~ намегузошт, ки дар

сид<у вафодории \ нисбат ба бародар ва фармонде~и худ газанде ё худ та<сире ро~ ёбад.

Бо назардошти далоили мазкур мо бо донишманди эрон$ ]аводи ^ирав$ комилан мувофи< ~астем, ки гуфта буд: “Атрофиёни Наср, ки нисбат ба Исмоил дилхуш$ надоштанд ва аз ран|иши Наср низ иттилоъ доштанд, Насрро му~айёи нобудии бародар карданд ва чун Исмоил ба ~а<<онияти худ м\ъта<ид будааст, |ангида ва пир\з ~ам шуда, вале пас аз пир\з$ му|аддадан бародарро ба аморати хеш баргардонид, лизо бад-ин гуна метавон \ро |авонмарду бузург донист, вагарна, агар @айр аз ин бошад, ин <азия табиатан манти<$ ба назар нахо~ад расид”.[3] Ба ин маън$, дарёфтани сабаб~ои ба |анг кашидани мо|арои Насру Исмоил |устор~о ва тааммули бештарро та<озо менамояд. Лозим аст, ки худдории Исмоил аз инти<оли амвол, ки омили кудурат ва даргир$ шинохта шудааст, пайваста бо мадорику асноде, ки дар кулли манобеъи таърих$ ма~фуз аст, дар замина~ои мухталиф, мин|умла аз ниго~и шахсият ва виҷаги~ои кишвардории ин ду бародар, дар густураи та-лош~ои писарону наберагони А~мад ибни Асад барои касби <удрат, мав<еи хилофати Ба@дод ва авзои сиёсии Хуросону Моваруннa~р ва @айра мавриди паҷ\~иш~ои ами<у пурвусъат <арор бигиранд. Зеро падидаи мазкур на фа<ат дар сарнавишти Исмоили Сомон$, балки дар сарнавишти Вароруду Хуросон ва муайян гардидани че~раи таърихии ин сарзамини па~новар дар асри Х а~амият ва на<ши басо му~им дошт. Тасодуф нест, ки баъзе му~а<<и<он ниёзмандии хилофати шар<иро ба як сарвари <а~рамон ва шахсияти фав<улодда амри таърих ва та<озои вазъияти сиёсиву маънавии замон ба шумор овардаанд.

Дар му~орибаи дувум, ~амон тавре ки дар “Таърихи Бухоро” мазкур аст, |анги шадиде ба ву<ъъ пайваст. ^ангоме ки Наср бо ~амдастии бародараш Абулашъас ва сипо~иёни \ ба Кармина расид, Исмоили Сомон$ “лашкари худ |амъ карду ба Тавоис* рафт ва ~арб андар пай-васту корзори сахт шуд”.[1] Ибтидо лашкари Ис~о< ибни А~мад, ки бо Исмоил пайваста буд, шикаст х\рд ва ба с\и Фараб а<иб нишаст. Пасон Исмоили Сомон$ ~ама нир\~оро |амъ овард ва ~амлаи <ав$ кард, Абул-ашъас ва лашкари \ ба |ониби Самар<анд фирор намуданд. Наср ибни А~мад, ки бо сипо~и к\чаке тан~о монда буд, ночор ба ма@лубияти хеш тан дод. Аммо дар фар|оми ин му~ориба Исмоили дурандеш бо шоистагиву |авонмард$ ба амале даст зад, ки во<еъан дар авро<и таърих ба таври |овидон$ сабт гардид ва барои кулли ша~риёрону подшо~они он р\згор ва р\згорони баъд$ кирдоре ибратом\з ва м\|иби исти<болу пайрав$ буд. Дар ин замина дар китоб~ои таърихиву ахло<$ ва адабии ниёгон достон~ои дилангезе зеби ра<ам гардида, бо гузашти аср~о а~ли <алам дар нигориши во<еъаи мазкур |узъиёти гуногуне бар он афзудаанд. Илова~о ва тафовут~о дар миёни ривоёти мутааддид, ки аксаран дар заминаи таассурот ва мафтунии муаллифон аз пазириши ин во<еъаи |аззоб сар задаанд, хилофи ~амдигар намебошанд, балки мо~ияти аслии онро равшан падид овардаанд.

Дар ин маврид низ <адимтарин манобеъи зери дасти мо “Таърихи Бухоро” ма~суб мешавад, ки тиб<и ахбори он чун Наср ба ноком$ дучор омад, сипо~иёни Исмоил атрофи \ро ~ал<асон печониданд. Дар ин ~ангом Исмоили Сомон$ фаро расид ва ба зердастонаш “бонг барзаду аз амир Наср дур кард ва аз асп фуруд омаду рикоби \ро б\са дод”.[2] Баъди чанд сухане, ки миёни эшон радду бадал шуд (болотар ба он ишорат рафта буд), бародари дигар – Ис~о< ибни А~мад бирасид ва аз асб фуруд наёмад. “Амир Исмоил гуфт: “Ё фалон, худовандгори худро фур\ нао$?” Ва дашном додаш ва хашм гирифт бар вай. Ис~о< зуд фуруд омад ва дар пои Наср афтод ва заминро б\са доду узр хост... Амир Исмоил гуфт: “Ё амир, савоб он аст, ки зуд ба ма<арри иззи хеш бозгард$, пеш аз он ки ин хабар он |о расад ва раъият биш\ранд дар миёни Моваруннa~р”. Амир Наср гуфт: “Ё Аб\ибро~им, ин ту$, ки маро ба |ои хеш мефирист$?” Амир Исмоил гуфт: “Ин накунам, ч$ кунам. Ва бандаро бо худовандгори хеш |уз ин муомила нашояд кардан, ки ~ар ч$ ки муроди ту бошад”. Ва амир Наср сухан мегуфту об аз чашми \ меборид ва пушаймон$ мех\рд бар он чи рафта буд ва бар хун~ои рехташуда”.[1]

Дар майдони lанг, ки пеши чашмро хун мегирад ва дар шуури инсон lа~олат бар маърифат, шамшер бар а<л мусаххар мегардад, Исмоили Сомон$ бо камоли хештандор$ бародари асирафтодаи худро гиром$ дошт, бо тавоз\ъву фур\тан$ э~тироми худовандгории \ро баlо овард. Ин хул<и нак\, ки аз ахло<и пок, сид<и соф ва маънавияти олии Исмоил паём мерасонид, \ро дар миёни хосу ом маш~ур сохт ва шояд тавсифи "амири одил" аз ~амин даврон ба ин марди бомаърифату сила~ш\р нисбат ёфта бошад. &иёсан бо кирдори Ис~о<, ки аз сари @урур ва мастии пир\з$ таъзими Наср ибни А~мадро баlо наовард, ~икмати ин рафтори бошарафонаи Исмоил ва имтиёзи а<ливу маънавии \ бар бародаронаш равшану возе~ ба чашм мерасад.

Амир Исмоил нек дарк карда буд, ки хабари ма@лубияти Наср дар саросари Мовароунна~р, хусусан дар пойтахти он, <увва~ои мухолиф, исти<лолхо~ ва марказгурезро ба сарбардориву фитнаl\$ lасур месозад, барои сулолаи Сомониён, тамомияти арзии кишвар ва амнияти давлат хатари бузурге эlод мекунад. Бино бар ин на фа<ат аз ро~и ~а<шинос$ дар нисбати бародар, балки бо тааммул дар сарнавишти кишвар ва пайомад~ои он амир Исмоил ого~она манофеъи шахсии худ, аз lумла тасарруфи ~окимияти Мовароунна~рро фур\гузор намуд. Аз с\и дигар, тарlе~и одамият дар сиёсат ва оини кишвардор$, ки аз суннат~ои ху-lастаи дудмони Сомон$ ва илали аслии суъуд ва ишти~ори хонадони мазкур дар масири таърих буд, дар шахсияти Исмоил ба таври барlаста ва зебову дурахшон зу~ур ёфт ва чун анъанаи му<аддаси хонаводаг$ аз lониби амирони баъдинаи сомон$ исти<бол гардид.

Маълум аст, ки таърихи башар, таърихи давлат~ои хурду бузург аз фоlиа~ои хунини хонаводаг$, аз падаркушиву писаркушиву бародаркуш$ мулавван аст. Басо иттифо< афтода, ки васвасаи @асби ~окимият бар ~ама му<аддасоти замининву осмон$ мусаллат гардида, бар~адар дарёи хун равон шудааст. Фа<ат зикри як во<еъаи ин даврон кофист, дарёбем, ки миёни Сомониён ва а@лаби дудмон~ои дигар тафовути ро~ аз куlост то ба куlо. Соли 812 халифа ^орун дар Т\с вафот ёфт ва Амин бар тахти хилофат нишаст. Бародари \ Маъмун, ки дар Хуросон буд, даъвои хилофат кард. Сипо~и ду бародар дар ша~ри Рай ба ~ам барх\рданд ва То~ири Зуляминайн – сардори лашкари Маъмун, ки аз @уломони эрон$ ва арабшудаи \ буд, Аминро шикаст дод ва сари \ро ба фармонде~и хеш фиристод. Маъмун бо гузашти сол~о, баъди он ки ба хилофати Ба@дод нишаст, бар ивази он сари бетани бародари худ аморати Хуросонро ба То~ир дод. Метавон сад~о ~одиса~ои мушобе~и нангинро аз таърих ёдовар шуд, аммо наметавон достоне муассиртар аз lавонмард$, адолат ва заковати амир Исмоили Сомон$ пайдо кард.

Дар тадовуми аморати худ дар Бухоро Исмоил ибни А~мад дар баробари фаро~ам овардани оромиву осоиштаг$ ва исте~коми умури давлатдор$ бо кордон$ ва тадбир~ои о<илонаи худ дар миёни таба<а~ои мухталифи lомеъа, аз ашрофону де~<онон то ~унармандону барзгарон, аз ма<ому эътибори хоссае бархурдор гардид, тавассути муованат ба волии Хуросон ва к\шиш~ои росих дар тарвиlи ислом дар хилофати Ба@дод низ обр\ву нуфузе пайдо кард. Ба вича, баъди му~орибаи соли 888 шуб~ае бар lо намонд, ки шоистатарин ва <авитарин вориси Наср амир Исмоили Сомонист. ^атто худи Наср, ки аз исти<лол\и~ои Исмоил маъни~ои дигаре бардошта ва ба фитна~ои дарбориён г\ш фаро дода буд, ба садо<ату шоистагии бародари худ эътимоди комил ~осил кард. Ин матлабро муаллифи "Таърихи Бай~а<" низ саре~ан таъкид намудааст: "Исмоил чун бародари ме~инро бидид, пиёда шуд ва рикоби \ б\са доду гуфт: "Амирро ин таlашшум набоист фармуд. Чун ин чашмзахм иттифо< афтод, ба саодат бо хизонаву хидам ба дорулмулки хеш бояд рафт". Амир Наср гуфт: "]ид(д) меравад ё ~азл?" Амир Исмоил гуфт: "Маъозалло~, ки маро дар ~азрати ту маlоли ~азл бувад". Амир Наср шигифт дошт ва ба дорулмулки хеш рафт – Фар@она. Ва дили \ бо бародар соф$ шуд ва \ро валиа~д кард".[1]

Ба назари мо, дар ин даврон мар~алаи аввали зиндагии пур~аводис, вале пурмаънои амир Исмоили Сомон$ бо ваl~е а~сан анlом мепазирад. ^арчанд Наср ибни А~мад ба пойтахти мамлакат бозгашт ва чунонки В.В.Бартолхд ~ам <айд карда

буд, аморати Моваройунна~р исман ба \ тааллу< мегирифт, аслан зимоми <удрат дар дасти амир Исмоил <арор дошт. Дар ~амин даврон р\згор ва пайкори амир Исмоили Сомон$ дар баробари сарнавишти миллати бузурге а~амият ва арзиши таърих$ пайдо кард ва му~имтарин раванд~ои таърихии Моваройунна~ру Хуросон ва та<дири <авм~ои ориёиро дар асри Х, балки дар <арн~ои оянда ~ам таъин намуд.

## 4

Та|рибаи таърихии давлатдор$, тааммул дар суъуд ва су<ути сулола~о ва императори~ои бузург мусаллам медорад, ки омили заминасоз дар равна<у шукуфоии ~ар давлат ва~дату ~амгироии мардум ва ~усни ризоият дар миёни <ишр~ои мухталифи |омеъа ма~суб мешаванд. Бо тава||\~ ба мо~ият ва манти<и падида~ои таърих$ метавон дарёфт, ки Наср ибни А~мад ва амир Исмоил дар ча~оряки поёнии асри IX дар ин |ода гом~ои устувор бардоштаанд. Ба виҷа, ибтикорот ва поймардии Исмоили Сомон$ басо муассир ва нати|аманд омад. Ин амири пуртадбир мар~ала ба мар~ала замина~ои итти~оди сиёс$, и<тисод$ ва маънавии |омеъаро му~айё сохт ва бад-ин васила му<аддамоти нусрат бар туркон, Саффориёну Алавиён ва тасаллут бар Хуросонро фаро~ам овард.

Пир\з$ бар Наср, п\зиш ва зин~ори итоату фармонбардор$ аз \ ва бо ахло<и ~асанаи подшо~$ му|аддадан ба маркази аморат бозфиристодани бародари аршади худ амир Исмоилро дар назари хосу ом аз ма~бубият ва эътибори хосае бархурдор сохт. Ин рафтори пур~икмати Исмоили Сомон$, ки ба на~ве дурахшон адолату заковати \ро намоиш медод, гузашта аз он ки як рафтори пандом\зи |авонмардонае ~ам буд, матлаб~ои дуртару бузургтари сиёсиро дар ~адаф дошт. Умарои хонадони сомон$, аъёну ашроф, сипо~иён, уламо ва ~атто дарбориёни хилофати Ба@дод бо идроки саре~и ин маън$, ки хатари фур\пошии аморати Оли Сомон, тафкики тамомияти арзии кишвар ва итти~оди сиёсии Моваройунна~р ма~з тавассути корсози~ои амир Исмоил аз миён бардошта шуд, \ро ба масобаи сазовортарин ва <авитарин вориси дудмон-~ои эрониасл шинохтанд ва исти<бол намуданд.

Дар ~амин даврон буд, ки Исмоили Сомон$ ба ~айси маъруфтарин че~раи сиёс$ дар саросари хилофати шар<$ ш\~рати азиме пайдо кард. Гузашта аз таърихномаи Му~аммади Наршах$, ки аз р\згори амир Исмоил ахбори м\ътамад ва ва<оеъи |аззобу пурм\~таво ба ёдгор гузоштааст, дигар муаллифи асри Х, |а~онгарди донишманди араб Ибни ^ав<ал дар “Сурат-ул-арз”-и хеш бо камоли сид<у ихлос амири одилро ситуда, \ро “подшо~и бузургу нексиришт ва со~иби мано<ибу ма~осини бисёр ва осори хубу аъмоли шигифтангез”[1] ба <алам додааст. Дар партави а<воли ин ду маъхази м\ътабар бо саро~ат метавон дид, ки Исмоили Сомон$ ~ан\з дар замони зиндагии худ дар назари муосиронаш чун подшо~е бузург ва ороста бо сифат~ои олии ахло<$, чун номбардори сазовори ша~риёрони бузурги А|ам эътибор доштааст.

Дигар матлаби ба@оят |олибе, ки аз сарчашма~ои <уруни вусто мустафод мешавад, ин аст, ки дар ситоиши амир Исмоил тавсифи “одилу олим”-ро мукаррар ва ~амеша па~л\и ~ам зикр кардаанд ва пир\зии \ро дар соири умур мабн$ бар он донистаанд. Мардумони ин даврон дар шахсияти Исмоили Сомон$ та|аллии мумтози ~амон пиндор ва тасаввуроти суннатии хешро дар бораи шо~и одил дарёфтаанд. Бе~икмат нест, \ бо ву|уди он ки лашкаркаши тавоно ва марде диловару сила~ш\р буд, ба “амири одил” мула<<аб гардид. Истеъдод ва <удрати низомии амир Исмоил \ро дар назари давлат~ои му|овир ва хилофати Ба@дод, адлаш дар назари мардум ва илмаш дар назари уламову фузало \ро ба дарёфти ма<оми ар|манде ~идоят бахшида буданд. Дар давлати бузурге, ки Исмоили Сомон$ муассиси он гардид, бунёди <удрат бар маънавият буд ва он бар~а< бозтобе аз шахсияти хори<улоддаи \ст. Ин буд, ки дар ибтидои <арни Х Бухоро “&уббатулислом” ном гирифт ва бо нури фар-~ангу тамаддун, бо нури фазлу имон, бо нури шеъру ~икмат |а~онеро р\шно$ бахшид ва дар сарга~и ин <иёми барозандаи маънав$ шахсияти бошук\~ ва фарзонаи амир Исмоили Сомон$ <арор дошт.

Рolеъ ба ча~ор соли ~укумати амир Исмоил дар Бухоро (888-892), ки амалан маънии ~окимият бар Моваруннa~рро дошт, дар манобеъи таърих$ камтар сухан рафтааст. Аммо <иёсан бо во<еъоти сол~ои баъд пай бурдан душвор нест, ки ин ча~ор сол дар исте~коми ни~од~ои низомиву сиёсии кишвар, дар танзими умури идор$, ба ро~ андохтани низоми мураккаб ва да<и<и сохтор~ои давлат$ ва @айра барои пояафрозии давлати абар<удрати Сомониён ва барои амир Исмоил аз а~амияти вичa бархурдор буданд. Баъди вафоти Наср ибни А~мад ба Бухоро инти<ол ёфтани маркази <удрат далели он аст, ки амир Исмоил дар ин фосилаи замон$ аз дидго~и сиёс$, и<тисод$ ва мафкурав$ зербинои давлати мутамаркизи Сомониёнро бунёд ни~од.

Дар ин замина ахбори “Таба<оти Носир$” lолиб аст, ки “чун амир Наср А~мади Сомон$, ра~има~улло~, аз дори фано ба дори ба<о ре~лат кард, амирулм\ъминин ал-М\ътазид Билло~ иёлати мамолики Моваруннa~р ва он чи бародараш дошт амир Наср, ба амир Исмоили Сомон$ дод ва \ро а~д дод ва ливо фиристод. Ва \ <уввати тамом гирифт ва мамлакат ба \ соф шуд ва lумлаи умарову ашрофи хал<у авом \ро мутеъ гаштанд. Ва чун марди одилу олим буд, кор~ои бузург бар дасти \ баромад”.[1] Муаррихони дигар ~ам тазаккур додаанд, ки к\шиш~ои пурнатиlаи Исмоил дар исти<рори ором$ ва амнияти дохилии мамлакат баъди lулуси расмии \ бар тахти Моваруннa~р вусъат ва густардагии бештаре касб кард.

Аз lумла, ибтикороти доманадори амир Исмоил, ки дар заминаи э~соси ниёзмандии <аламрави Сомониён ба ва~дату ягонаг$ ва ташаккули во~иди комилиёри маъмуриву ~у<у<$ дар саросари Моваруннa~р сурат мегирифт, дар пир\зи~ои ояндаи Оли Сомон бар туркон ва Саффориён на<ши умдаву муассир дошт. Амири навхостаи сомон$ тавассути паймонбанд$ бо силсила~ои ~укумати ма~алл$ ва баргумоштани lонибдорони соди<и худ аз миёни табору пайвандон ба ~окимияти ну<оти мухталиф <удрати хешро дар Моваруннa~р ба маротиб суботу исти<рор бахшид. Чунончи, дар “Таърихи Наршах$” омадааст, ки Исмоил бародари к\чаки худ Ис~о< ибни А~мадро ба lои бародари дигараш Абулашъас, ки дар моlарои \ ва Наср ибни А~мад аз Наср пуштибон$ карда буд, дар вилояти бузурги Фар@она ~оким таъйин намуд.

Бар маснади аморати Моваруннa~р ва хилофати Ба@дод нишастани амир Исмоил ва халифа М\ътазид дар дунболи якдигар ба ву<ўъ пай-вастааст. М\ътазид бо ~адаф~ои муайяни сиёс$, ба манзури рафъи хатароте, ки тавассути <удратёбии сулола~ои тавонои бум$ ва lунбиш~ои маз~аб$ ба миён омада буд, ба исло~оти <авонини мутадовили умури идор$ даст зад. Тиб<и ахбори Ибни Халдун “чун навбати хилофат ба М\ътазид расид, <авонинро та@йир дод ва <онуни дигаре барои тадбири умур ва сиёсати кишвар вазъ кард ва дар он <онун му<аррар дошт, ки фармонравоёни саркаши наво~иву марз~о авоиди марзубумиро, ки дар тасарруфи хеш доранд, сарфи умури кишвару лашкари ~амон но~ия кунанд ва ба иборати дигар, сарзамини ~ар фармонравоеро туюли \ <арор дод, чунонки Сомониён Моваруннa~рро туюли хеш сохта буданд”.[1] Амир Исмоил бо истифода аз ин татаввури умури дохилии хилофат, ки аслан ба му<обили ~амдигар барангехтани ~окимони ма~аллиро дар ~адаф дошт, кулли даромад ва мадохили Моваруннa~рро ба рушди нир\и низомиву иlтимоии <аламрави худ тахсис дод. Ӯ, ки дар файсалаи lузъитарин масоил камоли ди<<атро ба кор мебурд, дар хар-lи хазинаи давлат як сари м\ аз адлу инсоф, ~а<шинос$ ва манофеъи раъият берун по намегузошт.

Амир Исмоил дар умури дохилии кишвар аз харl~ои бе~уда, ки мардумро малол меовард, иlтиноб меварзид. Дар ин замина, <авли Наршах$ дар хусуси он, ки Исмоил мардуми во~аи Бухороро аз харl~ои сангини нига~дории девори бузурги ша~р маъоф намуд, lолиби тава\l\~ аст. &абл аз фармонравоии амири одил ба хотири дифоъ аз я@могарони турк гирдогирди Бухоро деворе бино карда буданд ва барои тармими он ~арсола мабла@и зиёде масраф мегардид: “...Ва ~ар амире, ки буд$, баъд аз он иморат мефармуду ниго~ медошт. Ва маъунату харlе азим бар мардумони Бухоро буд. Ва ~ар соле моле азим боист$ ва ~ашар~ои бис-ёр, то ба р\згори амир Исмоили

Сомон$, ра~има~улло~, ки \ хал<ро ра~о кард, то он девор хароб шуд ва гуфт: “То ман зинда бошам, бораи вилояти Бухоро ман бошам”. Ва аз он чи пазируфт, тамом кард, ва пайваста ба тани хеш ~арб мекард ва нагузошт, ки ба вилояти Бухоро душманон зафар ёбанд”.[2] Нуктаи дигаре, ки дар ин замина истинбот мешавад, ин аст, ки амир Исмоил дар ~ифзи сар~адот ва амнияти мамлакат сиёсати комилан |адидро пеш гирифт, сиёсате, ки ме~вари он на бар дифоъ дар хонаи худ, балки ба сарк\бии душман дар ма<арри \ устувор буд. Ба истило~ деворе, ки Исмоили Сомон$ бунёд ни~од, бамаротиб <авитару мазбуттар буд. Давлати абар<удрати Сомониён, ки \ таъсис дод, дар дарозои як аср садди чиние гардид, ки нафа<ат Бухоро, балки сарзамини бузургеро аз турктози~ои офатбори а~ли са~ро на|от бахшид.

Амир Исмоили Сомон$ бо он ~ушманд$ ва фиросати фав<улоддаи сиёсии худ нек дарёфта буд, ки дар канори тадорукоти марбут ба соз-монди~ии дастго~~ои идории мамлакат, ки бидуни з\ровар$ ба р\~о-нияти милливу маз~абии мардум, балки аз ро~и мувофи<ат ба он ан|ом мепазируфт, лозим аст, ки барои фаро~ам овардани амнияти марз~ои кишвар ва |илавгир$ аз та~о|уми <абоили са~рогард дар баробари исте~коми нир\и низомии аморат тадбир~ои <атъитаре ба кор гирифта шаванд. Дар ин самт яке аз му~имтарин падида~ои таърихии Моваройунна~р баъди |улуси Исмоили Сомон$ лашкаркашии \ ба Тароз ма~суб мешавад, ки соли 893 во<еъ гардид. Ин и<домии амир Исмоил, ки барои футу~оти ояндаи \ ро~ро ~амвор сохт, дар ~адди арзиши сиёс$ ва таърихии худ мавриди та~а<<у<и паҷ\~ишгарон <арор нагирифтааст.

Муло~изоти ами<тар пиромуни ин пайкор ~амон дурандешии сиёсии амир Исмоилро падидор месозад, ки бо як ~аракат чанд ~адафро пайгир$ менамуд ва аз ~ар вазъият ~адди мумкини манофеъро ба даст меовард. &абл аз вуруд ба матни во<еъот ёдовар бояд шуд, ки Тароз дар поёни <арни IX ва о@ози асри X аз ну<оти бисёр му~ими ти|орат$ буда, бино ба <авли Истахр$, ин ша~р бораи муста~кам ва ханда<~ои ами<у бо@~ои фаровон доштааст. Дар баъзе маъхаз~ои таърих$ омадааст, ки “Тароз сар~ад аст миёни турк ва мусалмон$. Ва гирд бар гирди он ~исор~о ~аст, ки ба Тароз бозхонанд ва ~адди ислом бад-ин |ойго~ аст”.[1]

Тиб<и ахбори Му~аммад ибни ]арири Табар$ “дар ин сол хабар омад, ки Исмоил ибни А~мад ба @азои диёри турк рафта ва, чунонки мегуфтанд, ша~ри подшо~ашонро кушуд ва \ро бо занаш Хотун ва наз-дик да~ ~азор кас асир гирифта ва бисёр кас аз он~оро кушта ва асбо-ни зиёд ба @анимат гирифта, ки шумори он дониста нест ва саворе мусалмон ба ~ангоми та<сими @анимат ~азор дирам гирифтааст”.[2] Бештари маъхаз~ои дигар маълумоти худро аз ахбори Табар$ ахз кардаанд. Аммо шаво~иде низ мав|уд аст, ки си~~ати он ма~алли тардид мебошад. Аз |умла, Масъуд$ дар “Муру|-уз-за~аб” на<л кардааст: “Дар ~амин сол Исмоил ибни А~мад, ки пас аз вафоти бародараш – Наср ибни А~мад аморати Хуросон ёфта буд, с\и диёри турк шитофт ва ша~реро, ки дар он но~ия унвони “Дорулмулк” дошт, бигирифт ва Хотун – ~амсари шо~ро асир кард ва понзда~ ~азор кас аз турконро асир гирифт ва да~ ~азор кас бикушт. Г\янд, ин шо~ Танкуш ном дошт ва ин унвони ~ама касоне аст, ки подшо~ии он диёрро дошта бошанд”.[3] Пайдост, ки Масъуд$ дар тазаккури аснод ро~и и@ро<ро паймуда ва го~о дучори иштибо~ ~ам гардидааст. Чунончи, Наср ва Исмоилро амирони Хуросон медонад, ки са~е~ нест, зеро то соли 899 амир Исмоил ба тахти Хуросон даст наёфта буд.

На<ли муболи@аомези набарди Исмоил бо туркон, ки дар маъхаз~ои асри X ва манобеъи даврони баъд$ фаровон ба чашм мерасанд, он матлабро мусаллам медорад, ки лашкаркаш$, шу|оат ва майдондори~ои Исмоили Сомон$ дар зе~ну тафаккури ~амзамононаш таъсири ами< бахшидааст. Аз |ониби дигар, ~ан\з муаррихони <адим а~амияти ин пир\з$ ва тасарруфоти амири навхостаро дар сарнавишти хилофати шар<$ ба хуб$ шинохта буданд. Бинобар ин, чунонки дар таърихнома~ои асри миёна мутадовил аст, барои таъкиди азамати шахсият ва во<еъа~ои таърих$ и@ро<у муболи@аро ба кор гирифтаанд.

Аз миёни анвоъи манобеъ ахбори Наршах$ м\lиби эътимоди бештаре мебошад, ~арчанд дорои тафовути боризе бо сарчашма~ои дигар аст. Исмоил “ба ~амин таърих (яъне соли 280/893 – С.А.) ба ~арб ба Тароз рафт ва бисёр ран| дид. Ва ба охир амири Тароз берун омад ва ислом овард бо бисёр де~<онон ва Тароз кушода шуд. Ва калисиёи бузургро мас|иди |омеъ карданд ва ба номи амирулм\ъминин М\ътазид Билло~ хутба бихонданд. Ва амир Исмоил бо бисёр @анимат ба Бухоро омад ва ~афт сол подшо~$ кард ва амири Моваруннa~р буд”.[1] Дар ахбори Наршах$ нуктаи <обили тава||\~ ин аст, ки Исмоил Тарозро ба му~осира гирифт ва то сари таслим фуруд овардани амири Тароз ран|и зиёде кашид. ^исор~ои баланд ва ханда<~ои атрофи ша~р, ки дар мадрак~ои |у@рофиёии он р\згор бад-он ишора рафтааст, на<ли Наршахиро та<вият мебахшад. Зо~иран бо фишори ин вазъияти гарону сангин мардуми Тароз и|боран ба ин шарт~ои Исмоил тан доданд ва исломро пазируфтанд.

Амири музаффари Моваруннa~р бо шук\~у та|аммул ба ша~р ворид гардид ва дар намози |умъа хутба ба номи М\ътазид – халифаи Ба@дод хонда шуд. Табдили калисои ша~р ба мас|ид ва ислом овардани туркон, ки <аблан ба маз~аби насоро <оим буданд, тарви| ва интишори ислом дар байни <абоили турк, ки Исмоилро ба ла<аби “@оз$” низ маъруф гардонид, \ро бештар аз пештар аз иноёту ~имоёти халифа ва дастго~и хулафои аббос$ ба~равар сохт. Бад-ин минвол, амир Исмоил бо як лашкаркаш$ ба се ~адафи худ даст ёфт:

1.Фаро~ам овардани амният аз шар< ва шимолу шар<и аморат. Таърих гуво~ аст, ки ин <исмати Моваруннa~р ~амеша дарвозае будааст барои турктози~ои а~ли са~ро, ки ~ар дафъа ободи~оро хароб, бо@оту зироатро поймол ва моли мардумро ба я@мо мебурданд. Сарк\бии туркон аз |ониби умарои сомон$ <аблан ~ам во<еъ гардида буд. Лашкаркашии пир\змандонаи амир Исмоил барои сад соли оянда бодиянишинони туркро аз та|овуз ва та~о|уми <аламрави Сомониён боздошт. Ба ин васила бо таъмини рафо~ият ва осудагии мардум барои руғди и<тисодию фар~ангии мамлакат замина~ои мусоид му~айё гардид.

2.Намоиши и<тидори низомии худ дар назари сарони давлат~ои ~ам|авор. Бо барафтодани То~ириён Хуросон ба авзои муташанни|и сиёс$ дучор омад, ба хусус, баъди вафоти Яъ<уби Лайс (879) ва ба Сомониён расидани маншури Моваруннa~р. Амри Лайс, бо ву|уди он ки даргир$ ва |анг~ои дохил$ мояи гирифтории \ буданд, ошкоро ~а<<и худро ба ин сарзамин эълом медошт. Дарво<еъ ин намоиши <удрат хеле нишонрас омад, зеро баъди чанде Амри Лайс дар посухи расули халифаи аббос$ гуфта буд, ки барои пир\з$ бар Исмоил сад ~азор шамшери баркашида бояд. Ва ин санад ба саро~ат тасбит месозад, ки аз шу|оату майдондор$ ва нир\и низомии амир Исмоил ~арифону ра<ибони \ро ~айбате ба дил падид омада буд.

3.Касби эътибор дар дастго~и хилофати Аббосиён. Чунонки дар таърихнома~ои аср~ои миёна мазкур аст, хулафои аббос$ ба амирони саффор$ чандон бовар ва эътимод надоштаанд. ^аракати тунди Яъ<уб ба с\и Ба@дод, ~арчанд ба ноком$ ан|ом ёфт, дастго~и хилофатро ба ларза афканда буд ва он~о барои шикастани ин дудмон нигарони фурсати муносибе буданд. Бино бар ин к\шиш~ои амир Исмоил дар ро~и густариш ва тавсеаи ислом, бинои мас|ид ва хондани хутба ба номи халифаи Ба@дод \ро ба дарёфти ма<оми ар|манде дар маркази хилофат тавфи< бахшиданд. Дар айни ~ол амири Моваруннa~р бо ин амали хеш мавриди исти<болу пазиро$ ва пуштибонии уламои дин$ <арор гирифт, уламое, ки ба аз~ону афкори мардум нуфуз, балки тасаллути бузурге доштанд.

Академик Н.Неъматов ро|еъ ба ~адаф~ои амир Исмоил аз сарк\бии туркон сухан ронда, таъкид кардааст: “Исмоил соли 893 бар му<обили бодиниянишинон юриши калон карда, Тарозро ба даст даровард, хони турконро бо да~ ~азор лашкару надимонаш асир гирифт ва, дар нати|а, ба муддати т\лон$ тохтутоз~о ба Моваруннa~р <атъ гардиданд. Исмоил ба водии Талас юриш карда, ба ма<сади дуюму му~имаш ноил гардид: кон~ои бои ну<раи Шел|иро, ки истихро|и маъдани он а~амияти ин но~ияро дар и<тисодиёти Осиёи Миёна афзун мегардонд, ба мулк~ои худ ~амро~ намуд”.[1] Ба ин далел манофеъи и<тисод$ ва тавсеаи и<тидори тавлидотии

давлат низ аз умдатарин ангезаи ~амалоти Исмоил ба шумор меомадаст, ки ин матлабро ду ~аводис ва мадорики таърих$ низ та<вият мебахшанд.

Аввалан, Исмоил дар ~амин сол ба Истаравшан ~у|ум оварда, сулолаи афшин~ои Ковусро сарнагун сохт ва ин сарзаминро ба давлати худ ил~о< намуд.[2] Сониян, дар ин даврон, дар дунболи дастёб$ ба аморати Моваруннa~р, зарби сикка~ои ну<раву тилло дар <аламрави давлати Сомониён равна< ва густариши бузурге пайдо кард. Бино ба ковиш~ои илмии сиккашиносон дар замони салтанати амир Исмоили Сомон$ мар~алаи |адиди зарби сикка шур\ъ гардидааст. [3]

Ба таври мунтазам ва бо теъдоди зиёд бароварда шудани сикка~ои ну<рагин, такомули муомилоти пул$ ва тавсеаи гардиши сикка~ои сомон$ ба нир\афзоии и<тисодии мамлакат мусоид омад ва омили умдае гардид дар ро~и ба даст овардани исти<лоли комили сиёс$, ки пиромуни ин масъала дар фасл~ои сон$ ишорат~о хо~ад рафт. Феълан, ~амин <адар бояд гуфт, ки амир Исмоил аз о@ози фармонравоии худ дар Моваруннa~р ~амвора бо тадбир~ои дурнамои сиёсиву низом$ ба му~имтарин унсури исти<лол – исти<лоли и<тисод$ тава||\~и хос мабзул доштааст.

Аз он чи гуфта шуд, пайдост, ки амир Исмоили Сомон$ дар баробари нигарон$ аз амнияти марз$ ва та|овузоти а<воми турк а~дофи |омеътар ва олитареро пайгир$ кардааст, ки намудори зирак$, фиросат ва ~ушмандии сиёсии \ дар са~наи таърихи он р\згор буд. Амир Исмоили Сомон$ бо дафъи хатароти турк аз шар<и Моваруннa~р, бо намоиши нир\ ва <удрати низомии худ дар саросари хилофати шар<$, бо дарёфтани тава||\~и хосаи Аббосиён ва уламои ислом$, бо тасарруфи манобеъи |адиди сарват~ои таби$ ба |ониби <исми дигари зодбуми а|додии хеш – ба маноти<и муташанни|и Хуросон р\й оварда.

## 5

Яке аз сабаб~ои ба аморати Бухоро баргумоштани Аб\ибро~ими Исмоил аз |ониби Наср ибни А~мад э~соси хатар аз Саффориён буд, ки баъди пир\з$ бар Му~аммад ибни То~ир, ба вилоят~ои со~или му<обили Ому, ки расман табааи То~ириён ба шумор меомаданд, мувo|e~ гардиданд. Мунта~о хатаре, ки Сомониёни ~ушманд, ~e| го~ аз он @офил набуданд, аз <увва ба феъл омад. Соли 898 дар миёни Исмоили Сомон$ ва Амри Лайс набард~ои шадиде ба ву<ўъ пайвастанд. Барх\рди ду амири ~амнаҷоду миллатпараст, дар сангар~ои мухолиф <арор гирифтани ин ду марди шу|оъи сила~ш\р, ки а~дофи р\згор ва пайкорашон аслан яке буд, дар таърихи дудмон~ои мазкур, балки дар таърихи Хуросону Эрон ~ам аз му~имтарин падида~ои сарнавиштсоз ва аз дардноктарин сафа~оти саргузашти <авм~ои ориё$ шинохта шудааст.

Пиромуни авомили ин даргир$, |араёну |узъиёти корзор ва пайомад-~ои таърихии он а~ли назар |ое мухтасар ва |ое муфассал андешафарсо$ кардаанд. Манзури мо аз баёни и|молии мушаххасоти ин му~ориба таъйиди ма<оми амир Исмоили Сомон$ ва шахсияти бар|астаи \ст, ки Оли Сомонро дар саросари Хуросону Эрон мусаллат гардонид.

&аблан лозим аст, ки ба сиёсати фитнаангези хилофати Аббосиён ва таа~~уди ифротомези Амри Лайс р\шан$ андохта шавад, ки беш аз ~ар ангезаи дигар ба бурузи ин мо|арои хунин мусоидат намуданд. Амри Лайс, ки баъди марги Яъ<уб |онишини \ шуда буд, бо ву|уди фиристодани ~адя~о ба нишони фармонбардор$ аз амирулм\ъминини ва<т, муносибат ва иртиботи мабсуту эътимодбахше бо хилофат надошт. Соли 884 ба дунболи |анги шадиде, ки дар он сипо~иёни халифа бо сардории А~мад ибни Абдулазизи Аб\дулаф, муваффа< шуданд Амри Лайсро ба |ониби шар< бironанд, фармони халифа дар хусуси азли расмии саркардаи саффор$ дар ~узури зоирони Макка (16 апрели 885) эълом карда шуд. Аммо ин фармон ба равна<и кори Сомониён ва Рофеъ ибни ^арсама, ки тавассути умарои сомон$ ба фармондории Хуросон расида буд, таъсир ва манфиате набахшид. Соли 887 халифа ал-М\ътамиди аббос$ баъди камобеш ~амвор сохтани <аламрави @арбии худ,

билхоса маноти<и Байнанна~райн, ба вилояти Форс ~амла овард. ^арчанд \ Амри Лайсро то маркази дудмони Саффориён – Систон таъ<иб карда натавонист, марги писари Амр дар ~ангоми а<ибнишин$ зарбае сахте ба ин марди сила~ш\р буд, ки бар асари он ногузир шуд бо халифа ро~и ошт$ ва мадороро пеш бигирад.

Пас аз даргузашти халифа ал-М\ътамид (соли 891) ва |улуси писараш ал-М\ътазид ба тахти хилофат (892)* волии Хуросон Рофеъ ибни ^арсама даъвои исти<лол дар миён овард. Ў на тан~о аз фиристодани @анимат ва амволи давлат$ ба дорулхилофа, ки дар ~ангоми тасарруфи ша~ри Рай ба даст оварда буд, сар печид, балки баъди чанде дастур дод, ки дар Гургону Мозандарон хутба ба номи Зайд ибни Му~аммад хонда шавад. Мо дигар |узъиёти во<еъоти мазкурро фур\гузор намуда, ин матлабро г\шзад меоварем, ки Амри Лайс ин ~ама ташанну|ро барои касби <удрат дар Хуросон ва дарёфтани иноияти халифа фоли нек ва фурсати муносиб дониста, ба Нишопур лашкар кашид ва ба дастури \ Рофеъро, ки шикаст х\рда ба Хоразм фирор карда буд, дастгир намуданд ва сари буридаи \ро ба халифа фиристоданд.

Амри Лайс, ки чун бародараш Яъ<уб даъвои тасаллут бар маноти<и бузургтареро дар сар дошт, бо фат~и Нишопур ва куштани Рофеъ ибни ^арсама аз халифаи Ба@дод маншури аморати Моваройунна~рро дархост намуд. Ба <авли эроншиноси номвар Б.Шпулер, "Су<ути Амрро бояд нати|аи тава<<\ъоти беандозаи худи \ донист, зеро Амр аз халифа хост, ки Моваройунна~рро расман ба вай вогузор намояд ва ~амон тавре, ки бародараг Яъ<уб замоне назири ~амин хос-таи густохонаро дошт ва бо баровардани он \ро аз ~амла ба Байнанна~райн мунсариф карда буданд, ин бор низ ал-М\ътазид ба ~амон |и~ат бо хо~иши Амр мувофи<ат кард"[1].

Аз с\и дигар, бо шикасти То~ириён тавассути Яъ<уби Лайс, амалан вилоёти тобеъи он~о, аз |умла <аламрави аморати Сомониён, низ мебоист ба Саффориён ман<ул гардад. Зо~иран, Амри Лайс бо сарк\би душмани тавонои хилофат ва волии ё@ии Хуросон – Рофеъ ибни ^арсама ~а<<и бештаре ба дарёфти фармонраво$ бар Моваройунна~рро э~сос намуд. Аммо ба таъйиди са~е~и В.Бартолхд "Ин тамаъ|\ии Амр м\|иби марги \ гардид: дар Моваройунна~ри он даврон ~окимияти сулолаи Сомониён тасаллути комил дошт. Дар раъси ин дудмон шахсе <арор дошт, ки аз ли~ози истеъдод аз Амр камтар набуда, тавониста буд дар <аламрави фармонравоии худ созмони муназзами давлатиро э|од бикунад. Мабонии ~у<у<ии ~укумати \ нисбат ба давлате, ки соби< "<отурч$" падид оварда буд, <авитару густардатар буд".[2] Тиб<и ахбори "Таърихи Систон" соли 898 Амр ба М\ътазид номае ирсол намуд, ки ~укумати Моваройунна~рро ба \ биди~ад ва афзуд, ки "агар ин шу@л маро ди~ад ва бад-ин ризо дорад, ман Алавиро аз Табаристон барканам ва агар нади~ад, ночор ман Исмоили А~мадро барканам".[1]

Бештари муаррихони гузаштаву имр\за бар ин а<идаанд, ки даргирии байни Амри Лайс ва Исмоили Сомон$ нош$ аз сиёсати хилофати Ба@дод ва тадбир~ои маккоронаи М\ътазиди зирак будааст. Дар ин даврон хилофат аз назари амният ва вазъияти дохил$ р\згори ошуфтаву парешоне ба сар мебурд. Аз |ониби @арб тавассути сар бардоштани хонадони Тулун$ ва <удрат афзудани давлати Бизонс, аз наво~ии шар<$ бо <иёми сардорони низомии Хуросону Табаристон хатароти тунде ба тахти амирулм\ъминин та~дид мекард. На~зати <арматия* дар |ануби Байнанна~райн ва маноти<и му|овири он низ барои хилофат хавфи |иддии мафкуравию сиёс$ пеш оварда буд. М\ътазид ба хотири |илавгир$ аз ~амлаи Амр ба Байнанна~райн ва рафъи хатар аз |ониби машри< пайваста дар садади он буд, ки амири саркаши саффориро ба мо|аро~ои наво~ии шар<ии хилофат саргарм созад.

Бино бар ин, амирулм\ъминин ба дархости Амри Лайс мувофи<ати хешро иброз дошт, ~арчанд Исмоили Сомон$ ~ам маншури Моваройунна~рро аз \ дарёфта буд ва к\шиши коф$ ба хар| медод, то мавриди иноияти халифа ва дастго~и хилофат <арор гирад. Бар хилофи Амр дар муносибати \ бо Ба@дод ихтилолу к\то~$, адами эътимод ва ё амал~ое, ки аз ча~орч\баи одоби мутадовили замон берун бошад, мав|уд набуд. Бо ин ~ама, М\ътазид бо таслими маншури Моваройунна~р ба Амри Лайс амир

Исмоилро дар му<обили лашкари пури<тидори Саффориён тан~о ба тан~о гузошт ва тинати аслии худро, ки аз сид<у вафо ва ~а<шиносиву |авонмард$ бизоате надошт, ошкор намуд.

Халифа тавассути шиддат ва тавсеа бахшидан ба ихтилофи Сомониёну Саффориён ва барангехтани он~о алай~и ~амдигар манофеъи худро пайгир$ менамуд. ^арчанд ки итоати дудмон~ои Хуросону Моваруннa~р аз хилофати Ба@дод бештар расмиву забон$ буд, хулафои аббос$, ки аз ро~и одамияту диёнат дур афтода буданд, барои баровардани @ариза~ои сиёсии худ ба василаи фитнаю и@во ва дасисабоз$ дар ну<оти мухталифи |а~они ислом тавтиа~ои азиме э|од менамуданд. Дар оташи ин фитна~ои хунин да~~о ~азор муслимин сари сабзи хеш барбод доданд.

Дигар ~адафи халифа дар заминаи мувофи<ат ба та<озои Амри Лайс намоиши <адрдон$ ва подош бахшидан ба сардорони низомие буд, ки дар сарк\бии амалдорони исёнгар ва ба истило~ “ё@$” мубодарат меварзиданд. Ба ин васила хулафои аббос$ г\ё ~окимони дигарро ~ушдор медоданд. Биноан, дастовези Амри Саффор$ – сари буридаи Рофеъ ибни ^арсама ма<були хотир афтод. Ахбори муаррихи донишманди араб Ибни Халдун ~ам ин матлабро та<вият мебахшад: “Амр ибни Лайсро М\ътазид аморати Хуросон дода буд ва \ро ба |анги Рофеъ ибни ^арсама барангехта буд. Амр бирафт ва Рофеъ ибни ^арсамаро бикушт ва сарашро назди М\ътазид фиристод ва дар иваз аморати Моваруннa~рро аз \ хост. М\ътазид Билло~ низ дархости \ бипазируфт”.[1] Ба ~ар бобат дар сурати пир\зии Амри Лайс М\ътазид метавонист <аламрави хилофати шар<иро тавассути омили гумоштаву забонк\то~и худ та~ти назорат <арор ди~ад.

Дар айни ~ол халифаи макрандеш ба манзури ташаддуди ихтилофи Сомониёну Саффориён ва бо суди бештаре берун омадан аз натои|и ин даргир$, ки маълум набуд тул\ъи и<бол ба кадом |ониб хо~ад буд, махфиёна ба амир Исмоил номае ирсол намуд ва иродати хешро из~ор дошт. Бо тава||\~ ба ин матлаб таърихгузорон бар ин а<ида расидаанд, ки халифа зо~иран ба азли Исмоил ризоият дода, дар асл бештар ба \ ало<аманд будааст. Дар “Таърихи Систон” мазкур аст, ки баъди мутолиаи номаи Амри Лайс “Амирулм\ъминин сар фуруд афканд ва замоне бибуд. Боз сар баровард, гуфт: “]авоб кун номаи Амр чунонки дархос-тааст ва чунин донам, ки ~алоки \ дар ин аст ва наздики Исмоил ибни А~мад бинавис, ки мо дасти ту к\то~ накардем з-он амал, ки карда будем, вассалом”.[2] Манти<ан М\ътазид бояд аз шикасти Амри Лайс, ки гумошта ва фиристодаи \ буд, нохушнуд мегардид. Аммо чунонки со~ибони ахбор овардаанд, халифа аз пир\зии Исмоил ошкоро э~соси мамнуният ва <аноатманд$ нишон додааст: “Ва<те М\ътазид аз кори Амр ва Исмоил хабар ёфт, Исмоилро бар он чи карда буд, ситуд ва Амрро нак\~иш кард”.[3] “Ин амал аз |ониби халифа, – чунонки ]аводи ^ирав$ бар~а< таъкид кардааст, – як б\<аламунсифатии тамомиёр беш нест ва халифа ин гургро мешинохта, вале \ро ба |они як амири одил ва мавриди <абули худаш андохтааст”.[4]

^ан\з таъригузорон ва донишмандони аср~ои миёна сиёсати фитнаангези хулафои аббос$, мин|умла халифа М\ътазидро, авомили умда дар набарди ду дудмони <удратманди эрон$ донистаанд. Вазири аъзами Сал|у<иён, муаррих, мутафаккир ва |омеъашиноси оламшумули форсу то|ик Хо|а Низомулмулк дар “Сиёсатнома”-и хеш таъкид кардааст, ки “Халифаро истишъоре ~амебуд, ки набояд, ки \ (Амри Лайс - С.А.) низ ба тари<ати бародар равад ва фардор\з ~амон пеш гирад, ки бародараш ба даст гирифта буд. ^арчанд ки Амр ин эъти<од надошт, валекин халифа аз ин маън$ андеша ~амекард. Пайваста дар сир(р) кас ~амефиристод ба Бухоро – ба наздики амир Исмоил ибни А~мад, ки “хуру| кун бар Амр ибни Лайс ва лашкар бикаш ва мулк аз дасти \ берун кун, ки ту ~а<тар$ аморати Хуросону Иро<ро, ки ин мулк падарони туро будааст. Ва эшон та@аллуб доранд, яке он, ки худованди ~а< ту$ ва дигар он ки сират~ои ту писандида аст. Ва седигар он, ки дуои ман дар <афои туст. Бад-ин ~ар се маън$ шак накунам, ки эзиди таъоло туро бар \ нусрат ди~ад ва бад-он

мангар, ки туро иддату лашкар андак аст, бад-он нигар, ки худои таъоло ~амег\яд: “Кам мин фиатин <алилатин @алабат фиатан касиратан биизнилло~и, валло~у маъа-с-собирин” (Бор~о шудааст, ки гур\~е андак бар лашкаре бисёр @олиб омадааст бо фармони худованд ва худованд бо сабурон аст)”.[1]

Аммо М\ътазид хатароти бузургтар аз ~амаи ин – хатароти итти~оди ду амир ва ду сарлашкари тавонои хилофати шар<иро э~сос менамуд, ки дар ~оли ба ву<ўъ пайвастан хилофати Ба@додро аз беху бун бармеканд. ^ай~от, ки эрониён ба доми дасиса~ои душманон гирифтор омаданд ва имконияти бузурги таърихии худро аз каф ра~о карданд. Дар ин замина муаррихи файласуфмашраби араб Ибни Асир, ки ба мо|арои ин ду амири миллатпарвару ватанпараст бо надомат ва бо назари инти<од$ нигаристааст, муло~изоти |олиб иброз доштааст: “Таслим бар |анг бо Сомониён ~ам бадтарин равия буда, вагарна ба машварати ёрону носе~он амал мекард. Ва агар Амр ва Исмоил мутта~ид мешуданд, метавонистанд озод$ ва исти<лолу азамати Эронро та|дид кунанд”.[2]

Дар мавриди пайкори Исмоили Сомон$ ва Амри Лайс таърихнома~ои аср~ои миёна шомили тано<узу ихтилофи фаровонанд. На тан~о дар миёни маъхаз~ои таърихии аср~ои X-XV, балки дар байни сарчашма~ои аср~ои X-XI тафовут~ои бориз ба чашм мерасад, ки дарёфти че~раи во<еъии ~аводиси он р\згорро гирифтори душвори~о месозад. Му~а<<и<и эрон$ ]аводи ^ирав$ ахбори манобеъи марбут ба ин набардро ба тафсил та~<и<у му<обала намуда, бо зикри тазоду ихтилоф~о ба ин хулоса расидааст, ки ~ан\з нукоти муб~аму норавшани зиёде мав|уд аст, ки ба пач\~иш~ои минбаъда ниёзманд мебошанд. Мо ба таври мухтасар, то |ое, ки дархури мавз\и ба~с бошад, дода~ои манобеъи мазкурро ба доираи та~<и< кашида, ом\зиши ~ама|онибаи ин масъаларо ба оянда мав<уф мегузорем.

Чунонки гуфта омад, М\ътазид дар |авоби Амри Лайс, ки бо дастовез кардани сари Рофеъ ибни ^арсама ~окимият бар <аламрави Моваройунна~рро дархоста буд, маншури Моваройунна~рро ба амири саффор$ фиристод ва фармони азли Исмоилро дар ~узури зоирони хилофати шар<$ <ироат намуд. Муаррихи <арни XI Гардез$ ин ~аводисро ба <арори зер на<л кардааст: “Амр бас ~ушёру гурбуз ва равшанрой буд. Ва сабаби баргаштани давлаташ он буд, ки чун Амр сари Рофеъ с\и М\ътазид фиристод андар санаи арбаъа ва самонина (284/897-898), дархост аз халифа, то а~ди Моваройунна~р бад-\ фиристад, ки он ба расми То~ир ибни Абдулло~ буд. Пас М\ътазид мар ]аъфар ибни Ба@ло@узи ~о|ибро с\и Амр фиристод ва нусхати ~адя~о ]аъфар ба наздики Амр овард. Чун Амри Лайс он нусхат бихонд, аз он ~ама ~адя~о тавлияти Моваройунна~р хуш омадаш, пас ]аъфар с\и писари халифа — Муктаф$ Ал$ ибни М\ътазид ва Убайдулло~ ибни Сулаймон ва Бадрулкабир ба хилофат набишт* ва эшон ба Рай буданд. Дарва<т а~ди Моваройунна~р набиштанд ва с\и вай фиристоданд ба с\~бати Насри Мухтор$, ки @уломи Аб\со| буд. Ва ]аъфар бо а~ду ~адя~о пеши Амр шуд. Ва андар он |о ~афт даст хилъат буд ва баданае буд мансу| ба дур(р) ва мурассаъ ба |аво~иру марворид ва то|е буд мурассаъ ба ё<уту |аво~ир ва ёзда~ асб буд, аз он |умла да~ асб ба зину ситоми заррин. Ва якеро зину лигому ситоми заррин ва мурассаъ ба ё<уту марворид ва асби намад ва чанини |ано@и он ~ама мурассаъ ба |аво~ир ва ча~ор дасту пои \ наъли заррин баста ва санду<~ои бисёр. Пас ин ~ама ~адя~о пеши Амр бигзаронид ва санду<~о андар сарои Амр бин~оданд ва ]аъфар он хилъат~о ягон-ягон андар Амр ~амеп\шид ва ~ар дасте, ки бип\шид$, ду ракъат намоз кард$ ва шукри он бигзорид$. Пас а~ди Моваройунна~р пеши \ бин~од. Амр гуфт: “Инро ч$ хо~ам кард, ки ин вилоят аз дасти Исмоил берун натвон кард, магар ба сад ~азор шамшери кашида”. ]аъфар гуфт: “Ин ту хост$, акнун ту бе~тар дон$”. Амр он а~д бигрифт ва б\са дод ва бар сар ни~од ва пеши хеш бин~од. Ва ]аъфар берун шуд”.[1]

Матолиби мазкур дар дигар кутуби таърих$ низ бо ихтилофи андак на<л гардида, дар баъзе маохиз муносибати тамасхуромези Амри Лайс ба иноияти халифа ошкоро ба <айд омадааст. Ба ~ар бобат ишораи пурмаънои Амри Лайс дар хусуси сад ~азор шамшер, ки дар ~ангоми пазируфтани маншури Моваройунна~р хитобан ба расули

халифа баён гардид, фармондории зо~ирии хилофати Ба@додро равшану возе~ намоиш меди~ад. Бо ин ~ама, сардори Саффориён ба дарёфти маншур исрор кардааст. Гумон аст, ки \ аз тамоюли шадиди халифа ба амир Исмоил, ният~ои асл$ ва бози~ои пин~онии амирулм\ъминин ого~ набуда бошад. Пас исрори Амр ба маншуре, ки арзиши <обили тава||\~е надошт, ч$ будааст? Хоса, ки Яъ<уби Лайс сулолаи То~ириёнро бидуни и|оза ё машварат бо халифаи ва<т барафканда буд. Фа<ат дар сол~ои охир баъзе му~а<<<и<он, аз |умла ]аводи ^ирав$, Бостонии Пориз$ ва Пано~ии Симнон$, пиромуни ин муаммо андеша варзида, фарзия~ое пеш ни~одаанд. Аммо лозим ба таъкид аст, ки ~ама омил~ои ин и<домоти Амри Лайс бояд дар заминаи мутолиоти да<и< ва густардаи во<еъоти сиёсиву и<тисодии он даврон, дар ~амбастаг$ бо виҷаги~ои равониву ахло<ии иштирокдорони ин падидаи азими таърих дар маърази та~<и< <арор бигиранд. Вагарна баъид нест, ки дар таъйиди арзишмандии че~ра~ои шинохтаи таърих$, чунонки хо~ем дид, зиёдарави~о ва к\то~назари~о бар на<ди холисона тасаллут пайдо намоянд. Бидуни иддао ба файсалаи ин масъалаи мубрам ва пургире~и таърихи дудмон-~ои Хуросони бузург ёдовар мешавем, ки дар "Таърихи Бухоро" тафсири мо|арои Исмоилу Амр андаке дигаргуна аст ва аз па~л\и дигар онро р\шно$ мебахшад. Му~аммади Наршах$ дар зикри му<аддамоти даргир$ ра~и э|озро паймуда, аз мушаххасоте, ки дар "Зайн-ул-ахбор" мастур аст, иттилооте ба дасти мо намеди~ад. Аммо дар <авли ин муаллиф ба ишорате бармех\рем, ки далели ого~ии \ аз ин мушаххасот ма~суб мешаванд: "Дар нома (Амри Лайс – С.А.) ёд кард, ки ~арчанд амирулм\ъминин ин вилоят маро дод, вале туро бо худ шарик кардам дар мулк".[1]

Со~иби "Таърихи Бухоро" достони Амри Лайсро, ки дар ин замон худро |онишини То~ириён дар билоди хилофати шар<$ медонист, аз номаи \ ба се тан умарои маъруфи Моваруннa~р о@оз намудааст. Амр бо ваъдаи подоши муносиб он~оро ба итоату фармонбардор$ ба ~айси ~окимони дастнишондаи \ дар ин минта<а фаро хондааст. "Амри Лайс нома кард ба Аб\довуд, ки амири Балх буд ва ба А~мад ибни Фари@ун, ки амири К\зкониён буд ва ба амир Исмоил, ки амири Моваруннa~р буд. Ва мар эшонро ба тоати хеш хонду а~д~ои нек\ кард. Ва ин~о ба фармони \ пеш рафтанд ва хидмат намуданд".[1] ^окимони Балху К\зкониён сари таслим фуруд оварданд, вале чун расул ба хидмати амир Исмоил расид, номаи Амри Лайсро ба \ бидод "ва аз итоат намудани амири Балху амири К\зкониён хабар доду гуфт: "Ту бад-ин итоат намудан сазовортариву бузургвортар$ ва <адри подшо~$ ту бе~тар дон$, ки подшо~зода$". Амир Исмоил |авоб дод, ки худованди ту бад-ин нодон$ аст, ки маро бо эшон яке мекунад. Ва эшон маро бандаанд. ]аводи ман ба шамшер турост. Ва миёни ману \ |уз ~арб нест. Бозгард ва \ро хабар де~, то асбоби ~арб соз кунад".[2]

Дар ин суханони Исмоили Сомон$, ки аз @урури ватандор$, шу|оат ва бузургвории \ паём мерасонад, таассубу такаббуре э~сос намешавад. Эътимоди амир ба <удрат ва нир\и худ ба андозаест, ки \ дар баробари ~окими Хуросон ва бад-ин васила дар баробари халифаи Ба@дод, ки фармони азли \ро содир карда буд, исти<лоли сиёсии кишвари хешро ошкоро эълом дошта, Амри Лайсро ба майдони ~арб даъват кардааст. Беэътибор донистани фармон ва маншури халифа ва бо итминон посух гуфтани амир Исмоил Амрро ба андешаву тааммул водошт.

Чунонки Му~аммади Наршах$ тазаккур додааст: "Амри Лайс бо амирону бузургон тадбир кард ва аз эшон ёр$ хост дар кори амир Исмоили Сомон$ ва гуфт: "Дигар касе бояд фиристодан ва суханони хуш бояд гуфтан ва ваъда~ои хуб бояд кардан". Пас |амоате аз машоихи Нишопурро аз хосагони хеш бифиристод ва нома бинавишт ва дар нома ёд кард, ки ~арчанд амирулм\ъминин ин вилоят моро дод, валекин туро бо худ шарик кардам дар мулк. Бояд ки маро ёр бош$ ва дил бо ман хуш дор$, то ~е| бадг\й миёни мо ро~ наёбад ва миёни мо д\стиву ягонаг$ бувад. Ва он чи пеш аз ин гуфта будем, аз ро~и густох$ буд, аз сари он даргузаштем. Бояд ки вилояти Моваруннa~р нига~ дор$, ки сар~ади душман аст. Ва раъиятро темор дор$ ва мо он вилоятро ба ту арзон$ доштем ва |уз хушнудиву ободонии хонумони ту нахо~ем. Ва

аз маъруфони Нишобур чандеро фиристод ва гуфт: “Моро бар ~е| кас эътимод нест, |уз бар ту, бояд ки ту низ бар мо эътимод кун$ ва бо мо а~д кун$, то миёни мо д\ст$ устувор гардад”.[1] Аз ин фи<ра пайдост, ки Амри Лайс ба итоати забонии Исмоил <онеъ буда, зимни маъзарат аз тундгуфториву беэ~тиёт$ дар номаи аввал ~адиси д\стиву ягонаг$ дар миён оварда, бо арзон$ доштани аморати Моваройунна~р ба Исмоил ~е| тамоюле ба пайкор бо \ нишон намеди~ад.

Амир Исмоил ба ин ~ама нармиву мулоимат$ муносибати тундтару шадидтаре пеш гирифтааст: “Ва чун хабари фиристодаи Амри Лайс ба амир расид, ба лаби ]ай~ун (кас) фиристод ва ра~о накард, то аз об бигзаранд ва чизе, ки оварда буданд аз эшон нагирифтанд ва наёварданд. Ва онро ба хор$ бозгардониданд”.[2] Хашм гирифтани Амр ва аз сари @азаб ба с\и Моваройунна~р лашкар фиристодани \ дар манобеъи дигар ~ам тазаккур ёфтааст. Аммо дар гузориши му<аддамоти набард, радду бадал ва мазмуни муросилот дар миёни “Таърихи Бухоро” ва маохизи дигар адами инси|ом боризу р\шан аст. Дар иртибот бо ин тано<уз ]аводи ^ирав$ муло~изоти |олиб иброз доштааст: “...агар дар си~~ати |умалоти вай (Му~аммади Наршах$ – С.А.) тардид раво бидорем, бояд гуфт, ки вай аз сари таъзим ба хонадони сомон$ ба тарсими че~раи рашид ва диловару нотарс аз Исмоил дар му<обили симои Амри Лайс пардохта ва як адами инъитофпазиреро аз Исмоил ба минассаи зу~ур кашонидааст. Шояд ~ам хостааст, бад-ин гуна бозича будани шахси Амри Лайсро миёни Исмоил, аз с\е ва М\ътазиди халифа, аз с\и дигар, ки дар поён чорае |уз ба набард тан дардодан надорад, нишон дода бошад”.[3] Пояи истидлоли му~а<<и< бар ахбори манобеъи дигар аст, ки дар ихтилоф бо <авли Наршах$ “че~раи мазлум ва <онеъ аз Исмоил баён доштаанд”.[4]

Таърихнигори бузург ва файласуфмашраби асри XI Абулфазли Бай~а<$ зимни тааммул дар шебу фароз~ои таърихи |омеъаи башар$ ~икмати пурмаъноеро г\шзад овардааст: "^укамои бузургтар, ки дар <адим будаанд, чунин гуфтаанд, ки аз ва~йи <адим, ки эзиди азза ва |алл фиристод ба пай@амбарони р\згор, он аст, ки мардумро гуфт, ки зоти хеш бидон, ки чун зоти хешро бидонист$, чиз~оро дарёфт$. Ва пай@амбари мо алай~иссалом гуфтааст: "^ар ки худро ғинохт, худояшро шинохт" ва ин лафзе аст к\то~ бо маънии бисёр, ки ~ар кас, ки хешро натавонад шинохт, дигар чиз~оро чигуна тавонад донист".[1] А<оид ва андарз~ои мушобе~ ба <авли Хо|а Абулфазли Бай~а<иро аз осори дигар бузургони миллати бостон$ ва фар~ангофарини мо метавон дарёфт, ки худшинос$ ва худого~иро ме~вар ва м\~раи аслии рушди инсон~о ва |омеъа~ои инсон$ ба шумор овардаанд. Инсон, ки аслаш гав~аре пок ва осмон$ аст, бо шинохтани ин азамати р\~онии худ, <одир ба корнома~ои бузург ва сарнавиштсозе мешавад. Ин ~укми ниёгони мо дар ~а<<и |омеъа~о ва <авму миллат~о низ <оим аст ва таърихи башар ~ам онро мусаллам медорад.

Шинохтани мо~ияти зоти худ бо ин, ки амре маънав$ ва инфирод$ аст, бидуни тааммулу таа<<ул дар во<еъоти р\згор ва вуруд ба та|оруби <авмию таърих$ имконпазир нест, зеро инсон бо он ~ама |ибиллату ~алло<ияти худ махлу<е и|тимоист, ки манофеъ ва хостор~ои худро дар пояи ~амо~анг$ ва ё ихтилоф бо ~адаф~ои милл$, фар~анг$ ва ё мафкуравии |омеъа пайгир$ менамояд. Ба ин маън$, ме~вари хештаншиносии инсону |омеъа таърих аст, ки дар оинаи он савобу хатои р\згорон ва во<еъоту ~олоти одамиён дар адвори мухталиф акс андохтааст. Муаррихи номовари <арни ХУ Мирхонд дар китоби м\ътабари "Равзат-ус-сафо" таърихро "сабаби ву<уф бар авзои а~ли олам..." дониста, афзудааст: "...а~воли оламро камо янба@$ ба тари<и а<л маълум натавон кард ва низ му~ол аст, ки шахсе во~ид аз афроди башар$ чандон, ки муддати ба<ои олам аст, во<еъот ва ~олоти одамиёнро мушо~ида кунад ва ба хайру шарри он аз тари<и муоина ву<уф ёбад, пас ба тари<и шинохтани а~воли оламу оламиён ва авзову атвори эшон тари<и тааммул бошад дар илми таърих".[1]

Алломаи асри XX Му~аммад И<боли Ло~ур$ бо таба~~ур дар ин ~икмати ку~ани машри<замин абёти |аззоб ва ш\рангезе сурудааст:

&авм равшан аз саводи саргузашт,
Худшинос омад зи ёди саргузашт.
Саргузашти \ гар аз ёдаш равад,
Боз андар нест$ гум мешавад.
Чист таърих, эй зи худ бегонае,
Достоне, <иссае, афсонае?
Ин туро аз хештан ога~ кунад,
Ошнои кору марди ра~ кунад.
Р\~ро сармояи тоб аст ин,
]исми миллатро чу аъсоб аст ин...
Забт кун таърихро, поянда шав,
Аз нафас~ои рамида зинда шав...
Сар занад аз мозии ту ~оли ту,
**Хезад аз ~оли ту исти<боли ту.**

Маз~ари и<бол ва саодати дудмони фаррух<аламу фаррухнаҷоди Сомониён низ ~амин гироиш, иродат ва му~аббати он~о ба таърихи <авм~ои ориё$ ва <авм~ои

дигар ва дар ин ма<оми ол$ шинохтани масъулият ва рисолати таърихии хеш буд. Амирони сомон$ аз ро~и худ-ого~ии таърих$ ва шинохти ~увияти милл$ ба дарки ин ~а<и<ат расиданд, ки фа<ат бунёд ни~одани давлати <удратманди муносиб ва мувофи< бо хостор~о ва ормон~ои миллии мардум метавонад <авми бостонии бузургеро ба ро~и на|от ва растагор$ ~идоят намояд. Ин аст, ки пайкори Сомониён дар са~наи таърих пайкори маънав$ буд, ки мунта~о тамаддуни оламшумулеро му|аддадан э~ё намуд ва умри дубораи таърих$ бахшид. Агар шамшери Сомониён Моваруннa~ру Хуросонро тасарруф карда бошад, <алами эшон саросари дунёро гирифт ва агар нуфузи сиёсии Оли Сомон бо шикасти давлаташон аз байн рафта бошад, нуфузи маънавии эшон ба шарофати фар~анги |a~онгире, ки ба ву|уд оварданд, то ~ол побар|ост.

Пиромуни адолатпарварии умарои сомон$, ба вича амир Исмоили Сомон$, зиёд сухан рафтааст ва мо ~ам дар лобалои рисолаи хеш фузун бар он мувo|e~ гардидем. Адолати амирони сомон$ бо хосу ом ва бо д\сту душман ва бар адл ни~одани сиёсати давлат сахт маъруф шуда, дар ин замина достон~о ва <исса~ои латифу зебое аз <удамо ба ёдгор мондааст. Тааммули ҷарфтар дар ин <авли мукаррари донишмандони пешин моро водор бар он месозад, ки дар шинохти ин ма<ула фаротар равем ва аз адолати таърихии Сомониён, аз адолати Оли Сомон ба аслофи хеш ва р\~онияти миллии ниёгон сухан дар миён оварем. ^амин маслаки ол$ ва му<аддас Сомониёнро ба ~айси меросбарону номбардорони таърих ва фар~анги бузурги A|ам аз ма<оми ар|манди |овидонае бархурдор сохт.

Дар а~ди Сомониён худ|\и~ои инсону |омеъа ва ~адаф~ои давлат дар заминаи арзиш~ои ~аётбахши милливу таърих$ ба ~ам омаданд ва бад- ин васила давлати эшон че~ра ва сиришти мардум$ ба худ гирифт. Амирони олигу~ари сомон$ <авми парокандаро бо парваридани э~соси ягонагии аслу насаб ва таъриху сарнавишташон ба ~ам пайвастанд. Ва~дату итти~оди мардум ва пуштибонии эшон аз салтанати Сомониён м\|иби и<тидор, шукуфо$ ва равна<и давлати миллии то|икон гардид. Яке аз авомили умдаи фар~анггустар$ ва адабпарварии Оли Сомон дар сат~и сиёсати давлат, ба @айр аз муносибаташ бо шахсияти фарзонаи ин дудмон, бо тава||\~и хосаи эшон ба |ав~ари ва~датофарини |омеъа - забон ва таърихи миллат муста<иман иртибот дошт. Ин ~ама фазоилу му~ассанот буд, ки мардум дар давлати Сомониён ормон~ои милл$ ва таърихии худро дарёфтанд ва тасодуф нест, ки муассису бунёдгузори онро “шо~и одил” ном карданд.

Раъиятпарварии Оли Сомон ва исте~коми бунёди давлати он~о дар назари мутафаккирони пешин ~ам аз камоли ватанпарастиву миллатд\ст$ ва ~ам худого~ию худшинос$ ва ар|гузории хосу оми мулки хеш бар-хоста буд. Аломат~ои заволу ин<ирози ин давлати абар<удрати маънавиасос замоне фаро расид, ки пасовандони амири одил кам-кам аз ин оину маслак берун омаданд. Авомили мутааддиди сиёсиву низом$ ва и<тисодиву маънав$, бахусус, вуруди селосои <абила~ои турк ва дар дастго~~ои идориву низомии мамлакат нуфуз ёфтани он~о, мунта~о ба таназзули давлати Сомониён мун|ар гардид. Аммо иллати асл$ дар он буд, ки охирин фармонравоёни сулолаи Сомониён бо аз даст додани омил~ои заминасози ва~дату ~амраъйии |омеъа, аз дастгир$ ва пуштибонии мардум ма~рум гардиданд. Мутафаккир ва файласуфи бар|астаи асри XII Му~аммади >азол$ дар поёни ситоиш аз фазилат~ои амир Исмоили Сомон$ афзудааст: “Ва амир Исмоил ба амирии Хуросон биншаст эмин ва сокин ва саду с$ сол мамлакат андар хонадони Сомониён бимонд, чун кор ба к\даконаш расид ва бар хал<и худ ситам карданд, мулк аз эшон бираст”.[1]

Имр\з, ки то|икон бо гузашти 1100 сол дар ~олати мушобе~ то замони пояафрозии давлати Сомониён <арор доранд, ибрат ва саба<~ои таърихи он р\згор басо судманду пандом\з аст. Ба и<боли то|икон давлати тозаисти<лоли To|икистон бо ~амон ро~е <адам бардоштааст, ки амир Исмоили Сомон$ пеш гирифта буд. Ма<омоти ро~барии To|и-кистон бо ~идояти Президенти мамлакат Э.Ш.Ра~монов дар садади онанд, ки оини давлатдории a|доди пуровозаи худро му|аддадан э~ё намоянд, ни~од~о ва

сохтор~ои давлатиро бар пояи армон~ои милл$, таърих$ ва фар~ангии мардум устувор намоянд.

Талош ва пайкор~ои Президенти кишвар, ки имр\з арзиши таърих$ пайдо кардааст, далели <отеъи ин матлаб аст, ки то|икон дар ву|уди хеш тапиши набзи ниёгони вологу~арашонро э~сос намудаанд ва сарвари давлат бо камоли масъулияту ога~$ рисолати сарнавиштсози худро дар баробари таърих, имр\з ва фардои миллати бузургу мутамаддине шинохта, ягона ро~и на|от ва растагории миллат ва давлати то|иконро дарёфтааст. Исти<рори сул~, фаро~ам омадани замина~ои итти~оди сиёсиву мафкуравии мардум, пуштибон$ аз манофеъ ва арзиш~ои милл$, дифоъ аз забон ва таърихи то|икон дар сат~и сиёсати давлат дар баробари ибтикороти хушоянди марбути и<тисодиёти мамлакат, ки Э.Ш.Ра~монов бо ~иммату |асорати муносиб ба Сомониёни шарофатманд ан|ом меди~ад, бидуни тардид кафолати ояндаи дурахшони То|икистон аст.

Таъкид ва исрори гаштаву баргаштаи Президенти ]ум~урии То|и-кистон пиромуни зарурати худого~ию хештаншинос$, саба<анд\з$ аз таърихи гузашта, касби таба~~ур дар дастовард~ои маънавии ниёгон дар иртибот бо и<дом ва ибтикороте, ки дар ин замина тавассути дастго~~ои умури давлат$ ан|ом мепазирад, дар саросари <аламрави мамлакат фазои комилан |адиди сиёсиву мафкуравиро парвариш дод. Фузун бар ин фидокориву сарсупурдагии Э.Ш.Ра~монов ба ~айси пешо~анги мумтози ин <иём~ои барозандаи таърихиву фар~анг$ <удрату нир\и созандаг$ ва бунёдкории то|иконро, ки бор~о дар таърихи пуршук\~ашон ба зу~ур омада буд, аз нав э~ё хо~ад кард. Бино бар ин, та|лили |ашни 1100-солагии давлати Сомониён ба @айр аз нишони <адршинос$ аз ниёгони номовари хеш ва посдории суннат~ои эшон маънои ами<и рамзие дорад, ки моро бо ~ам ва бо таърихамон пайванд меди~ад ва чунонки Сомониён дар о@ози асри Х бад-ин васила дар ан|умани кишвар~ои мутамаддин ма<оми ар|манде пайдо карда буданд, То|икистон ~ам дар о@ози асри XXI ба дарёфти чунин ма<оми ол$ мушарраф хо~ад шуд. Дасти дуо кушодани мардум ва дастгириву пуштибонии он~о аз давлати тозаисти<лоли хеш моро мутмаин месозад, ки меросбарон ва номбардорони сазовори амирони сомон$ ба сарманзили ма<суд хо~анд расид.

# ИСМОИЛИ СОМОНӢ
# ДАР МАНОБЕЪИ ТАЪРИХӢ

## (мутуни форсиву арабє)


### АбКбакр Муқаммад ибни ▪аъфари Наршахє*


## ТАЪРИХИ БУХОРО[1]

### ЗИКРИ ХОТУНЕ, КИ БА БУХОРО ПОДШО^ БУД ВА ФАРЗАНДОНИ [, КИ ПОДШО^ БУДАНД БАЪД АЗ ВАЙ

Ва чун &утайба ибни Ту@шода ба сабаби риддат, ки аз вай зо~ир шуда буд*, Аб\муслим \ро бикушт (ва мар бародар) ва а~ли байти \ (ро), зи}ъоту муста@аллоти \ро ба Бун}т ибни Ту@шода дод, то ба р\згори амир Исмоили Сомон$ бо вай мебуд.

Чун Бун}т риддат оварду кушта шуд, ин зи}ъот мебуд дар дасти фарзандони (Бухор) худот*. Ва охирин касе, ки ин мамлакат аз дасти вай берун рафт, Аб\ис~о< Ибро~им ибни Холид ибни Бун}т буд. Ва Ибро~им ба Бухоро буд$ ва мамлакат дар дасти вай буд$. ^ар соле аз иртифооту @аллот аз тарафи Моваройунна~р ба наздики бародари худ Наср фиристод$, то ба амирулм\ъминин М\ътазид расонид$. (Ва) амир Исмоили Сомон$ ин зи}ъоту муста@аллот аз дасти вай берун кард ба сабаби он ки А~мад ибни Му~аммади Лайс, ки со~ибшурт буд, р\зе амирро гуфт, ки: "{ амир, ин зи}ъ бад-ин нек\$ бо чандин @алла ба Аб\ис~о< аз к$ мондааст?" Амир Исмоили Сомон$ гуфт: "Ин зи}ъ мулки эшон нест, мулки султон$ аст". (А~мад ибни Му~аммади Лайс гуфт: "Мулк эшонрост, аммо) ба сабаби риддати падари эшон халифа аз дасти эшон берун кардааст. Ва мулки байтулмол* гардонида ва боз бар сабили у|рату |омаг$ ба эшон дода ва вай хидмат ба сазо намекунад ва чунин медонад, ки ин зи}ъ мулки \ст". Дар ин сухан буданд, ки Аб\ис~о<и Ибро~им андар омад. Амир Исмоили Сомон$ \ро гуфт: "{ Аб\ис~о<, туро ~ар сол аз ин зи}ъ ч$ <адар @алла ба ~осил ояд?" Аб\ис~о< гуфт: "Аз баъди ран|и бис}ру такаллуф соле бист ~азор дир~ам ба ~осил ояд". Амир Исмоил фармуд А~мад ибни Му~аммади Лайсро, ки ин мавзеъро ту бигир ва Абул~асани оризро биг\й, то ~ар сол бист ~азор дир~ам ба вай ди~ад. Бад-ин сабаб ин зи}ъ аз дасти вай берун рафт ва беш ба дасти \ бозна}мад.

Аб\ис~о< аз дун} бирафт дар соли сесаду як (301/913-914) ва фарзандони \ ба де~аи Сифанаву Суюн| монданд.

...Иски|кат <ундузе* бузург дорад ва дар вай мардумони тавонгар будаанд ва сабаби тавонгарии эшон кишоварз$ набуда (аст), аз ба~ри он ки зи}ъи он де~а вайрон ва ободони он ба ~азор |уфт нарасидааст. Ва мардумони \ ~ама бозаргон будаанд ва аз он |о карбос бис}р хезад. Ва ~ар пан|шанбе он |о бозор будааст ва он де~а (аз |умлаи) хоссаи (мамликаи) султон$ аст. Ва Аб\а~мад ал-Муваффа< Билло~ ин де~аро ба му<отаъа дода буд ба Му~аммад ибни То~ир, ки амири Хуросон буд. Ва боз фур\хт ба Са~л ибни А~мади До@унии Бухоро$ ва ба~о гирифт. Вай он |о гармобае бино кард ва кохе азим бар г\ша(е) бар лаби р\д сохт. Ва то ба р\згори мо ба<ияи он кох монда буд ва онро Кохи До@ун$ хондаанд. Оби р\д он кохро вайрон кард.

Ва мар ин Са~л ибни А~мади До@униро бар а~ли Иски|кат зариба будааст ~ар соле да~ ~азор дир~ам, <исмат бар хона~о карданд$. Пас, аз он де~а зариба бозгирифтанд ду-се сол ва ба султон бозгаштанд ва аз вай }р$ хостанд. Ва варасаи Са~л ибни А~мад <аболае берун оварданд* ба р\згори амир Исмоили Сомон$. Вай <аболае дид дуруст, валекин хусумат дароз шуда буд ва хо|агони ша~р ми}н|$ шуданд. А~ли де~а ва варасаи До@ун$ ба саду ~афтод ~азор дирам сул~ карданд. А~ли ин де~а мар ин де~аро бихариданд, то ин зариба аз эшон бархост ва он мол бидоданд...

...Ва Му~аммад ибни ]аъфар овардааст, (ки) ин де~аро (яъне Шар@-С.А.) амир Исмоили Сомон$, ра~има~улло~, ва |умла зи}ъоту у<ороти \ро бихарид ва он |умларо ва<ф* кард бар работе, ки карда буд ба дарвозаи Самар<анд, дар даруни ша~ри Бухоро. Ва имр\з он работ намондааст ва он ва<ф низ намондааст...

...Баркад де~е <адиму бузург аст ва <ундузе азим дорад. Ва ин де~аро Баркади алави}н хонданд, бад-он сабаб, ки амир Исмоили Сомон$ ин де~аро хариду ва<ф кард, ду донг* бар Алави}ну ]аъфари}н* ва ду донг бар дарвешон ва ду донг бар варасаи хеш...

...Ва амир Исмоили Сомон$, ра~има~улло~*, мардуми он де~аро (Варахшаро-С.А.) бихонду гуфт: “Ман бист ~азор дирам ва ч\б биди~ам ва сохтагии он бикунам ва баъзе иморат бар |ой аст. Шумо ин кохро мас|иди |омеъ созед”. Он мардумони де~а нахостанд ва гуфтанд, ки мас-|иди |омеъ дар де~аи мо рост на}яд ва раво набошад. Ва ин кох то ба р\згори амир А~мад ибни Н\~ ибни Наср ибни А~мад ибни Исмоили Сомон$ бар |ой буд. Вай ч\б~ои он кохро ба ша~р оварда ва сарое, ки \ро буд бар дари ~исори Бухоро ба иморат маш@ул шуд...

## ЗИКРИ ][И М[ЛИ{Н ВА СИФАТИ [

Дар <адим ин зи}ъи ]\и М\ли}н мулки Ту@шода будааст. Ва вай ~ар касе аз фарзандону домодони худро ~иссае додааст. Ва амир Исмоили Сомон$, ра~матулло~и алай~, ин зи}ъро бихарид аз ^асан ибни Му~аммад ибни Толут, ки сар~анги ал-Мустаъин ибн ал-М\тасим буд. Ва амир Исмоил ба ]\и М\ли}н сарой~ову б\стон~о сохт ва бештар бар маволи}н ва<ф кард ва ~ан\з ва<ф аст. Ва пайваста \ро аз |и~ати маволи}ни хеш дил маш@ул буд$, то р\зе амир Исмоил аз ~исори Бухоро ба ]\и М\ли}н назора мекард. Симоъ ал-Кабир (мавлои) падари \ (пеши \) истода буд, \ро ба@оят д\ст дошт$ ва нек\ дошт$. Амир Исмоил гуфт: “^аргиз бувад, ки худованди таъоло сабабе созад, то ин зи}ъро аз ба~ри шумо бихарам. Ва маро зиндагон$ ди~ад, то бубинам, ки ин зи}ъ шуморо шуда(аст), аз он ки ин зи}ъ аз ~ама зи}ъи Бухоро ба<иматтар аст ва хуштар (ва хуш~авотар)”. Худои таъоло р\з$ кард, то |умла бихарид ва бар маволи}н дод, то “]\и Маволиён” ном шуд. Ва оммаи мардум “]\и М\ли}н” г\янд. Ва пайвастаи ~исори Бухоро са~рое аст, ки онро Даштак хонанд ва |умла найистон~о будааст. Амир Исмоил, ра~има~улло~, он мавзеъро ~ам бихарид аз ^асан ибни Му~аммад ибни Толут ба да~ ~азор дирам ва ~ам соли аввал да~ ~азор дирам аз ба~ои най ба ~осил омад. Амир Исмоил он мавзеъро ва<ф кард бар мас|иди |омеъ.

Ва баъд аз амир Исмоил аз фарзондони \ ~ар к$ амир шуд, хештанро ба ]\и М\ли}н б\стон~ову к\шк~о сохт ба сабаби хушиву хуррамиву нуз~ати \. Ба Дарвозаи Нав мавзее аст, ки онро Кораки Алави}н хонанд бар дари ша~р. Ва (он |о) амир Мансур ибни Н\~ к\шке сохт ба@оят нек\, чунонки ба вай масал заданд$ аз нек\$. Ва сол бар сесаду пан|о~у шаш буд (356/966-967). Ва ин зи}ъи Кораки Алави}н мамликаи султон$ буд, то ба р\згори Насрхон ибни Там@очхон. Вай ин зи}ъ а~ли илмро дод аз он, ки ба ша~р наздик буд, то фу<а~оро кишоварз$ осонтар бувад. Ва ивази он зи}ъро дуртар бигирифт.

Ва ]\и М\ли}н ва Кораки Алави}н маъмур буд то охири а~ди Сомони}н. (Чун мулк аз Сомони}н) бирафт, он сарой~о хароб шуд. Ва ба Бухоро дорулмулки муайян набуд, магар ~исор, то ба р\згори малик Шамсулмулк Наср ибни Ибро~ими Там@очхон, ки \ Шамсобод бино кард.

## ЗИКРИ ХИРО]И БУХОРО ВА НАВО^ИИ ОН

Ба р\згори Оли Сомон умарои Сомон яке бор ~азор ~азору саду шас-ту ~ашт ~азору понсаду шасту шаш дираму пан| донгу ним будааст бо хиро|и Кармина.

Ва Абул~асани Нишобур$ дар "Хазоин-ул-улум" ба тартиб овардааст, ки чун хилофат ба амирулм\ъминин Ма~д$ расид, яъне падари ^орунарраШид ва ~е| кас аз хулафои аббос$ аз вай порсотар набуд$. Пас амирии |умлаи Хуросон Абулаббос Фазл ибни Сулаймониро дод дар соли саду шасту шаш (166/782-783). Ва \ би}мад то ба Марв ва он |о биншаст. Пас ву|\~у ме~тарону бузургони (Бухоро) ба наздики \ рафтанд. Ва ме~тарони Су@д низ |умла ба Марв рафтанд ба саломи амири Хуросон. [ аз ~оли вилояти эшон пурсид. А~ли Бухоро гуфтанд, ки моро аз кофирони турк ран| аст, ки ба ~ар ва<т ного~ меоянд ва де~~о @орат мекунанд. (Ва) акнун ба тозаг$ омадаанд ва де~аи Сомдунро @орат кардаанд ва мусалмононро асир карда бурдаанд.

Абулаббоси Т\с$ гуфт: "^е| тадбире доред, то бифармоям". Язид ибни >\рак - малики Су@д он |о буд, гуфт: "Ба<ои амири Хуросон бод! Ба р\згори пешин дар |о~илият туркон вилояти Су@дро @орат мекардаанд. Ба Су@д зане подшо~ будааст, \ Су@дро бора баровардааст, вилояти Су@д аз туркон амон }фта".

Абулаббоси Т\с$ бифармуд мар М\~тад$ ибни ^аммод ибни Амр аз-З\~лиро, ки амири Бухоро буд аз |ониби \, то Бухороро бора занад, чунонки ~амаи русто~ои Бухоро андаруни (он) бора бувад ба шакли Самар<анд, то дасти туркон ба вилояти Бухоро нарасад. Ин М\~тад$ ибни ^аммод бифармуд, то ин девор бизананд ва (дар фарсанге) дарвозае ни~анд ва ба ~ар (нима) миле яке бур| устувор (бароранд).

Ва Саъд ибни Халафи Бухор$, ра~матулло~и алай~, ки <озии Бухоро буд, ин шу@лро <и}м намуд, то ба р\згори Му~аммад (ибни Я~} ибни Абдулло~) ибни Мансур ибни ^ал|ад ибни Вара< тамом шуда дар соли дувисту понзда~ (215/830-831).

Ва ~ар амире, ки буд$, баъд аз он иморат мефармуду ниго~ медошт. Ва маунату хар|е азим бар мардумони Бухоро буд. Ва ~ар соле моле азим бибоистиву ~ашар~ои бис}р то ба р\згори амир Исмоили Сомон$, ра~има~улло~, ки \ хал<ро ра~о кард, то он девор хароб шуд ва гуфт: "То ман зинда бошам, бораи вилояти Бухоро ман бошам". Ва он ч$ пазируфт, тамом кард ва пайваста ба тани хеш ~арб мекард ва нагзошт, ки ба вилояти Бухоро душманон зафар }банд.

## ЗИКРИ ОЛИ СОМОН ВА НАСАБИ ЭШОН

Чун Асад ибни Абдулло~ ал-&асР$ амири Хуросон шуд ва ба Хуросон омад ва ~амон |о буд, то аз дун} бирафт дар соли саду шасту шаш (166/782-783). Ва овардаанд, ки марде нек\кор буду |авонмард. Ва дили \ бад-он |ониб нигарон, ки хонадон~ои бузурги <адимро темор кард$ ва мардумони асилро нек\ дошт$, ~ам аз арабу ~ам аз а|ам.

Ва чун Сомонхудот, ки |адди эшон буд, аз Балх бигурехт ва ба наз-дики (вай) омад ба Марв, варо икроме карду ~имоят кард. Ва душманони \ро <а~р кард ва Балхро боз ба вай дод. Сомонхудот ба дасти вай имон овард. Ва \ро Сомонхудот бад-он сабаб хонанд, ки де~е бино кардааст ва онро Сомон ном кардааст. [ро ба он ном хондаанд, чунонки амири Бухороро - Бухорхудот.

Чун Сомонхудотро писаре омад, аз д\стии \ писарро Асад ном кард. Ва ин Асад |адди амири моз$-амир Исмоили Сомон$ аст, ра~матулло~и алай~-Исмоил ибни Асад

ибни Сомонхудот. Ва Сомонхудот аз фарзандони Ба~роми Ч\бини малик будааст. Ва аз он го~ боз борго~и Сомони}н ~ар р\з баландтар аст, то расид он |о, ки расид. А~мад ибни Му~аммад ибни Наср г\яд, ки Му~аммад ибни ]аъфар ривоят кардааст андар китоб аз Му~аммад ибни Соле~ ал-Лайс$ ва Абул~асани Майдон$, ки ба р\згори Асад ибни Абдулло~ ал-&аср$ марде берун омад ва а~ли Бухороро ба имон хонд. Ва а~ли Бухоро бештар а~ли зимма буданд ва |изя медоданд. &авме и|обат карданд ва мусалмон шуданд. Малики Бухоро Ту@шода буд. Вайро хашм омад, аз ба~ри он ки дар сар кофир буд. [ ба амири Хуросон Асад ибни Абдулло~ нома навишт, ки ба Бухоро марде падид омадааст ва вилоят ба мо ш\рида медорад. Ва <авмеро ба хилофи мо берун овардааст ва мег\янд, ки ислом овардем ва дур\@ мег\янд. Ислом ба забон овардаанд ва ба дил ба ~амон кори хеш маш@уланд. Ва бад-ин ба~она вилояту мулк ш\рида медоранд ва хир| мешикананд. Бад-ин сабаб Асад ибни Абдулло~ нома кард ба уммоли хеш-Шарик ибни ^арис. Ва \ро фармуд, ки он <авмро бигираду ба малики Бухоро таслим намояд, то ~ар ч$ бихо~ад, бикунад.

Оварданд, ки он <авм дар мас|ид будаанд, |умла ба овози баланд мегуфтанд: “Аш~аду ан-ло ило~а иллалло~ ва аш~аду анна Му~аммадан абду~у ва расулу~у”. Ва фар}д мекарданд, ки “Во Му~аммадо” ва “Во А~мадо”. Ва Ту@шодаи Бухорхудот эшонро гардан мезад ва ~е| касро за~ра набуд$, ки сухан г\яд } шафоат кунад, то ча~орсад танро гардан заду ба дор кард. Ва бо<иро барда кард ба номи Асад ибни Абдулло~ ва ба наздики \ фиристод ба Хуросон. Ва ~е| кас аз ин <авм аз ислом барнагашт. Ва ~ар к$ монд, бар ислом монд. Ва ин <авмро Асад ибни Абдулло~ аз ислом боз надошт. Ва чун Ту@шодаи Бухорхудот бимурд, он <авм ба Бухоро боз омаданд, валло~у аълам...

## ЗИКРИ БИДОЯТИ ВИЛОЯТИ ОЛИ СОМОН, РА^ИМА^УМУЛЛО^

Пеш аз ин }д карда шуда буд, ки Сомонхудодро писаре буд. Асад ном кард, аз д\стии Асад ибни Абдулло~ ал-&аср$. Ва Асадро ча~ор писар буд: Н\~, А~мад, Я~} ва Ил}с. Ва чун Рофеъ ибни Лайс хуру| кард бар ^орунаррашид ва Самар<анд бигирифт, ^орунаррашид ^арсама ибни Аъйанро ба ~арби вай фиристод ва Рофеъ Самар<андро ~исор кард. ^арсама дар кори вай о|из шуд. Маъмун бо ^орунаррашид ба Хуросон омада буд ба сабаби ~амин ~одиса. Ва дили ^орун ба@оят маш@ул буд ба ин кор. Маъмун номае кард ба фарзандони Асад ва бифармуд, то ^арсамаро дар ~арби Рофеъ }р$ ди~анд. (Ва фарзандони Асад) Рофеъро бад-он доштанд, то бо ^арсама сул~ кард. Ва ми}ни эшон мусо~арат карданд ва дили ^орун аз он кор фори@ гашт. Ва хатари он буд, ки Рофеъ ~амаи Хуросон бигирифт$. Ва ин кор ба наздики Маъмун нек дар мав<еъ афтод. Ва дар ин сафар ^орун ба Т\с вафот }фт. Ва чун хилофат ба Маъмун расид, >ассон ибни Аббод амири Хуросон шуд. Маъмун вайро фармуд, то фарзандони Асад ибни Сомонхудотро вилоят ди~ад аз ша~р~ои Хуросон. ^ар якеро ша~ре м\ътабар дод дар ~а<<и он ч$ карда буд. Ва >ассон ибни Аббод Н\~ ибни Асадро ба Самар<анд амир кард ва А~мад ибни Асадро ба Марв амир кард. Ва ин дар соли дувисту ду (202/817-818) буд. Ва чун >ассон аз Хуросон маъзул шуд, То~ир ибн ал-^усайн амири Хуросон шуд ва ин вилоят~о бар эшон му<аррар дошт. Ва Н\~ ибни Асадро, ки бузургтар буд, хилъат дод. Ва вай ба Самар<анд мебуд, то аз дун} бирафт. Бародари хеш А~мад ибни Асадро халифа кард. Ва ин А~мад ибни Асад марде буд олиму порсо ва ба Самар<анд мебуд, то аз дун} бирафт. Писари хешро халифа кард - Наср ибни А~мад ибни Асадро. Чун ба

|ои падар биншаст, аз халифа Воси< Билло~ маншури аъмоли Моваруннa~р бирасид ба номи вай ба таърихи р\зи шанбе @урраи мо~и мубораки рамазон, сол ба дувисту пан|о~у як буд (251/865-866).

## ЗИКРИ БИДОЯТИ ВИЛОЯТИ АМИРИ МОЗ# АБ[ИБРО^ИМ ИСМОИЛ ИБНИ А^МАДИ СОМОН#

Аввали салотини Сомони}н аст ва ба ~а<и<ат подшо~и сазовор ба исте~<о< буда, марде о<ил, одил, мушфи<, со~иброю тадбир. Ва пайваста бо хулафо из~ори итоат кардиву мутобаати эшон во|ибу лозим донист$. Дар р\зи шанбеи мунтасафи рабеъулохири санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/900) Амри Лайсро ба Балх асир кард ва бар мамлакат муставл$ гашт. Ва муддати ~ашт сол подшо~$ кард. Ва дар санаи хамса ва тисъина ва миатайн (295/907-908) дар Бухоро ба |авори ра~мати ~а< пайваст, алай~и-р-ра~ма ва-л-@уфрон. Ва \ро вилодат ба Фар@она будааст дар мо~и шаввол таърих бар дувисту сиву ча~ор (234/849). Ва чун \ шонзда~сола шуд, падари \ вафот }фт. Ва амир Наср, ки бародари бузургтари \ буд, \ро бузург дошт$. Ва \ хидмати амир Наср кард$. Ва чун ^усайн ибни То~ири ат-То$ аз Хоразм ба Бухоро омад дар рабеъулохир, сол бар дувисту шаст буд (260/874). Ва ми}ни \ву а~ли Бухоро ~арб~о афтод ва баъд аз пан| р\з бар ша~р даст }фт. Ва бо а~ли Бухоро узри (?) ша~ру русто карду бис}р касро бикушт. Ва хоразми}нро баргумошт, то дузд$ намуданд ва мусодарат мекарданд ва ба шаб мукобараи хона~о бармезаданд. Ва |иноят~ои гарон мени~оданду мол меситоданд.

А~ли Бухоро бо \ ба ~арб берун омаданд ва бис}р кас кушта шуданд. Ва аз ша~р ми<дори ду донг бис\хт. Ва чун а~ли ша~р даст <ав$ карданд, \ мунод$ карду амон дод. Ва мардумон, ки |амъ шуда буданд ва ~арбро омода гашта, чун хабари амон бишниданд, пароканда шуданд ва баъзе ба русто рафтанд. Чун ^усайн ибни То~ир донист, ки мардум пароканда шуданд, шамшер андар ни~од ва хал<е азимро бикушт. Боз @ав@о карданд. Ва ^усайн ибни То~ир ба ~азимат шуд. Ва ~ама р\з ~арб карданд. Чун шаб шуд, \ дари к\шкро ма~кам кард. Ва хал<ро дар к\шк ниго~ медоштанд, то вайро бигиранд. Ва \ хиро|и Бухоро ба тамом$ гирифта буд, ~ама дирами @идриф$. Ва дар ми}ни сарой рехта буд ва мехост то ба ну<ра сарф кунад. Замон на}фту он шаб деворро с\рох кард ва бигурехт бо касони хеш бара~наву гурусна. Ва он дирам~ои @идриф$ бимонд. Мардумон хабар }фтанд, андар омаданду он мол @орат карданд. Ва бис}р кас аз он мол тавонгар шуданд, чунонки асари он дар фарзандони эшон бимонд. Ва андар ша~р гуфтанд$: “Фалон кас тавонгари сарои ^усайн ибни То~ир аст”. Ва баъд аз он бигрехт.

Ва пас аз вай фитна~ои дигар ва ~арб~о бо а~ли Бухоро ~ар касро бис}р шуд. А~ли илму сало~ аз Бухоро ба наздики Аб\абдулло~и Фа<е~ - писари Хо|а Аб\~афси Кабир, ра~матулло~и алай~, |амъ шуданд. Ва вай мубориз буд, бо вай тадбир карданд дар кори Бухоро. Ва ба Хуросон амире набуд. Ва Яъ<уб ибни Лайс Хуросонро ба @алаба гирифта буд. Ва ба Бухоро Рофеъ ибни ^арсама бо вай ~арб мекард ва ба Хуросон низ фитна буд. Ва Бухоро хароб мешуд аз ин фитна~о. Пас Аб\абдулло~ - писари Хо|а Аб\~афс номае кард ба с\и Самар<анд ба Наср ибни А~мад ибни Асади Сомон$. Ва \ амири Самар<анду Фар@она буд. Аз \ ба Бухоро амир хостанд. [ бародари хеш - Исмоил ибни А~мадро ба Бухоро фиристод.

Чун амир Исмоил ба Кармина расид, чанд р\з он |о ма<ом кард ва расул фиристод ба Бухоро ба наздики ^усайн ибни Му~аммади Хори|$, ки амири Бухоро буд. Чанд бор расули \ мерафту меомад, то <арор бад-он афтод, ки амир Исмоил амири Бухоро

бошад ва ^усайн ибни Му~аммади Хори|$ халифаи \ шавад. Ва лашкари \ дар ин маън$ итоат намуданд. Амир Исмоил маншури хилофати хеш ба наздики Хори|$ фиристод бо аламу хилъат. Ва Хори|иро бо ин аламу хилъат дар ша~ри Бухоро бигардониданд ва а~ли ша~р шод$ намуданд. Ва ин р\зи сешанбе буд. Ва р\зи одина хутба ба номи Наср ибни А~мад хонданд ва номи Яъ<уби Лайс аз хутба бияфканданд, пеш аз андар омадани амир Исмоил ба Бухоро. Ва он р\зи одинаи нахустин буд аз мо~и мубораки рамазон, сол бар дувисту шаст (260/874).

Ва писари Хо|а Аб\~афси Кабир, ра~има~умолло~, берун омад ба исти<бол. Ва ашрофи Бухоро аз арабу а|ам ~ама ба вай буданд то ба Кармина. Ва Аб\абдулло~ бифармуд, то ша~рро би}ростанд. Ва амир Исмоил аз омадан ба Бухоро пушаймон шуда буд, аз он ки ба вай ~ашами бис}р набуд. Ва Бухоро ш\рида буду @ав@о бархоста буд. Ва маълум набудаш, ки а~ли Бухоро ба дил бо вай чи гунаанд.

Чун Аб\абдулло~ ибни Хо|а Аб\~афс берун омад ва бо Кармина бирафт, дили вай <ав$ шуд. Донист, ки Аб\абдулло~ ~ар ч$ кунад, а~ли ша~р онро ботил натавонанд кардан. Азм <ав$ гардонид. (Аб\абдулло~ \ро бис}р мад~~о гуфт ва дили вай <ав$ гардонид). Чун \ро ба ша~р андар оварданд, муаззаму мукаррам доштанд ва фармуд, то а~ли ша~р зару сими (бис}р) бар вай нисор карданд. Ва амир Исмоил ^усайни Хори|иро бигирифт ва ба зиндон фиристод. Ва он @ав@о пароканда шуд ба <удрати худои таъоло.

## (ЗИКРИ ДАРОМАДАНИ) АМИР ИСМОИЛ (РА^ИМА^УЛЛО^) БА БУХОРО

(Дар) р\зи душанбе дувозда~уми мо~и мубораки рамазон, сол бар дувисту шаст (260/874) буд ва бад он сабаб ша~р <арор гирифт. Ва а~ли Бухоро аз ран| берун омаданд ва ба ро~ат пайвастанд. Ва дар ~амин сол амир Наср ибни А~мадро маншури вилояти ~ама аъмоли Моваруннa~р аз оби ]ай~ун то а<сои билоди Машри< би}варданд аз халифа Муваффа< Билло~. Ва хутбаи Бухоро ба номи амир Наср ибни А~мад ва ба номи амир Исмоил гуфтанд. Ва номи Яъ<уби Лайси Саффор аз хутба афтода буд.

Ва амир Исмоил муддате ба Бухоро бошид ва баъд аз он ба Самар-<анд рафт бе он ки аз амир Наср \ро фармон буд$, писари бародари худро бар Бухоро халифа (кард) - Аб\закари} Я~} ибни А~мад ибни Асад.

Чун ба Рабан|ан расид, амир Наср хабар }фт, нохуш омадаш ба |и~ати он ки бе дастур$ буд. Фармуд, то \ро исти<бол карданд, валекин худ берун на}мад ва ~е| икром накард ва фармуд, то \ро ба ~исори Самар<анд фуруд оварданд. Ва со~ибшуртии Самар<анд ба исми \ карданд. Ва ~амчунон бар вай дар хашм буд. Ва амир Исмоил ба салом рафт$, чунонки пеш аз рафтани Бухоро чунон набуд. Ва Му~аммад ибни Умарро халифаи вай карданд ва амир Исмоил ба салом омад$ ва соате биистодиву боз бирафт$. Ва амир Наср бо вай ~е| сухан нагуфт$, то бар ин ~олат сензда~ мо~ баромад. Писраи амми вай - Му~аммад ибни Н\~ро ва Абдул|аббор ибни ^амзаро ба шафоат овард, то \ро ба Бухоро бозфиристод. Ва Исмат ибни Му~аммади Марвазиро вазири вай кард. Ва Фазл ибни А~мади Марвазиро дабири вай гардонид. Ва амир Наср бо ~ама ву|\~и аъ}ну си<оти Самар<анд ба мушояъати \ берун омаданд. Ва дар ин асно амир Наср р\й с\и Абдул|аббор ибни ^амза кард ва гуфт: “{ Абулфат~, ин к\дакро, ки мо ~амефиристем, то мо аз вай чи хо~ем дидан?”. Абдул|аббор гуфт: “Чунин маг\й, ки \ бандаи туст. (Ба шарти он ки ~ар ч$ фармо$, амир Исмоил ~амон кунад ва ~аргиз бо ту хилоф накунад”. Гуфт: “Чунон аст ба ~а<и<ат, ки ман мег\ям”. “Абдул|аббор гуфт: “Боз ч$ ~укм карда$?”. Амир Наср гуфт: “Андар чашм~ову шамоили вай хилофу ис}н ~амебинам”).

Амир Исмоил чун ба Бухоро расид, а~ли Бухоро исти<бол карданд ва ба эъзози тамом \ро ба ша~р даровардaнд. Ва яке аз дуздон хал<еро ба худ гирд карда буд. Ва аз авбошону риндони русто ча~ор ~азор мард |амъ шуда буданд ва ~ама дар ми}ни

Рометану Баркад ро~ мезаданд. Ва наздик буд, ки <асди ша~р кунанд. Амир Исмоил ^усайн ибни Алоро, ки со~ибшурти \ буд ва ~азираи Бухоро вай ни~ода буд ва к\и Алоро ба вай бозмехонданд, ба ~арби ин дуздон фиристод. Ва аз а~ли Бухоро бузургону ме~тарон бо вай }р шуданд ва рафтанду ~арб карданд ва дуздонро ~азимат карданд. Ва ^усайн ибни Ало бар эшон нусрат }фт ва калонтари дуздонро бигирифту бикушт ва сари вайро би}вард. Ва lамоъате, аз он~о, ки бо вай }р буданд, бигирифт. Амир Исмоил эшонро банд кард ва ба Самар<анд фиристод.

Ва чун аз ин кор фори@ шуд, хабар доданд, ки ^усайн ибни То~ир боз бо ду ~азор мард ба Ом\й омадааст ва <асди Бухоро карда. Амир Исмоил лашкар lамъ кард он ч$ тавонист ва ба ~арб рафт. Хабар доданд, ки ^усайн ибни То~ир аз ]ай~ун бигузашт бо ду ~азор марди хоразм$. Амир Исмоил барнишасту берун (омад) ва ~арби сахт карданд. Ва ^усайн ибни То~ир ~азимат шуд ва аз лашкари вай баъзе кушта шуданд ва баъзе ба об @ар< шуданд ва ~афтод мард асир шуданд. Ва ин ~арби нахустини амир Исмоил буд (ки кард).

Чун бомдод шуд, амир асиронро бихонд ва ~ар мардеро як lомаи карбос дод ва бозфиристод.

^усайн ибни То~ир ба Марв рафт ва амир Исмоил ба Бухоро бозомад ва дар ~оли мулк таамул кард. (Ва маълум кард), ки \ро бо ме~тарони Бухоро чандон ~урмате зи}дат нест ва ба чашми эшон ~айбате нест. Ва аз lамъ шудани эшон манфиате ба вай роlеъ нахо~ад шуд. Савоб чунин дид, ки lамоъате аз ме~тарони Бухороро бихонад. Ва гуфт, ки аз ба~ри ман ба Самар<анд равед ва пеши амир Наср биг\ед ва узр аз ман бихо~ед. Эшон гуфтанд: “Самъан ва тоатан”. Р\зе чанд замон хостанд ва баъд аз он бирафтанд. Ва ин lамоъати амирони Бухоро буданд пеш аз амир Исмоил. Аб\му~аммади Бухорхудот худ подшо~и Бухоро буд. Ва Аб\~отами Ясор$ ба@оят тавонгар буд ва ба сабаби моли бис}р эшонро тоат надошт$. Бузургони Бухоро бо ин ~арду ба Самар<анд рафтанд. Амир Исмоил нома кард ба амир Наср то эшонро банд кунад ва ба зиндон фиристад, то вай мулки Бухоро тавонад дошт. (Амир Наср ~амчунон кард ва он <авмро р\згоре дар он lо боздошт), то он го~, ки Бухоро <арор гирифт. Амир Исмоил боз ба амир Наср (нома) кард (ва эшонро талабид. Ва аз баъди он амир Исмоил эшонро) нек\ дошт$ ва ~оlат~ои эшонро раво кард$ ва риояти ~у<у<и эшонро ба хештан воlиб дид$.

Ва Наср ибни А~мад ба Исмоил вазифа ни~ода буд аз амволи Бухоро дар соле понсад ~азор дирам. Ва аз баъди он \ро ~арб~о ~афтод ва он мол харl шуд ва натавонист фиристодани дигарон.

Амир Наср <осидон фиристод ба талаби он мол ва вай нафиристод. Ми}ни эшон бад-ин сабаб нохуш$ падид омад. (Амир) Наср лашкар lамъ кард ва нома фиристод ба Фар@она ба наздики бародари худ Абул-ашъас ва бихондаш бо лашкари бис}р. Ва номаи дигар ба Шош фиристод ба бародари дигар Аб\юсуф Яъ<уб ибни А~мад, то бо лашкари худ би}яд. Ва туркони* Истиlобро низ би}ранд ва лашкари азим lамъ карданд. Он го~ р\й ба Бухоро ни~ода дар мо~и раlаб, сол бар дувисту ~афтоду ду буд. (272/885).

Чун амир Исмоил хабар }фт, Бухороро хол$ кард ва ба Фараб рафт, ~урмат дошт бародарро. Амир Наср ба Бухоро омад. Чун амир Исмоилро на}фт ва ба Байканд рафт ва он lо фуруд омад, а~ли Байканд исти<болаш карданд ва зару сим бар \ нисор карданд ва нузл~о бис}р берун оварданд.

Ва ми}ни амир Исмоилу Рофеъ ибни ^арсама, ки бад-он таърих амири Хуросон буд, д\ст$ буд. Амир Исмоил ба вай нома карду аз вай }р$ хост. Рофеъ бо лашкари худ би}мад. Ва ]ай~ун ях карда буд. Аз р\и ях бигзашт. Чун амир Наср хабари омадани Рофеъ }фт, ба Бухоро бозомад. Ва амир Исмоил бо Рофеъ иттифо< карданд, ки раванду Самар<андро бигиранд. Ин хабар ба амир Наср расид. Ба таъlил ба Тавоис рафту сари ро~ бигирифт. Амир Исмоил бо Рофеъ ба ро~и би}бон рафтанд. Ва ~ама русто~ои Бухоро ба тасарруфи амир Наср буд. Ва эшон андар би}бон таому алаф наме}фтанд. Ва он сол <а~т буд ва кор бар эшон душвор шуд, то андар лашкари эшон як ман* нон ба се дирам* шуд. Ва хал<и азим аз лашкари Рофеъ ба

гуруснаг$ ~алок шуданд. Ва амир Наср нома кард ба писари худ А~мад ба Самар<анд то вай аз Су@ди Самар<анд @ози}нро |амъ карду лашкаре сохт. Ва а~ли вилоят амир Исмоилро алаф надоданду гуфтанд, ки ин~о хори|и}нанд, моро ~алол набошад нусрат додани эшон. Ва амир Наср ба сабаби омадани Рофеъ тангдил шуда буд. Амир Наср ба Кармина рафту эшон бар асари \ мерафтанд, ки Рофеъро касе наси~ат карду гуфт: “Ту вилояти худ монда$ ва ин |о омада$. Агар эшон ~арду бародар бо якдигар бисозанду туро дар ми}н гиранд ту ч$ тавон$ кардан?” Рофеъ аз ин сухан тарсиду расул фиристод ба наздики амир Наср ва гуфт: “Ман ба ~арб на}мадаам, бар он омадаам, то ми}ни шумо сул~ кунам”. Амир Насрро ин сухан хуш омаду сул~ карданд бад-он, ки амир касе дигар бувад Бухороро. Ва амир Исмоил омили хиро| буваду амволи девон* ва хутба ба номи вай набувад ва ~ар соле понсад ~азор дирам биди~ад.

Ва Наср ибни А~мад (\)-ро бихонду Ис~о< ибни А~мадро низ ва хилъат дод ва амирии Бухороро ба вай дод. Ва амир Исмоил бад-он ризо дод. Ва амир Наср бозгашт ва Рофеъ низ ба Хуросон рафт. Ва ин дар соли дувисту ~афтоду се (273/886-887) буд. Чун аз ин ~ол понзда~ мо~ баромад, амир Наср кас фиристод ба талаби мол. Амир Исмоил мол бозгирифт ва нафиристод. Амир Наср нома кард ба Рофеъ, ки вай замон карда буд. Рофеъ низ номае ба амир Исмоил кард бад-ин маън$. Амир Исмоил илтифот накард.

Амир Наср дигарбора лашкар~о |амъ кард ~ама аз а~ли Моваройунна~р. Ва Абулашъас аз Фар@она би}мад ва дигарбора р\й ба Бухоро оварданд ба ~амон таври пеш. Ва р\й ба Бухоро ни~од. Чун ба Кармина расид, амир Исмоил низ лашкари худ |амъ (карду) ба Тавоис рафт ва ~арб андар пайваст. Ва корзори сахт шуд. Ва Ис~о< ибни А~мад ба Фараб ба ~азимат рафт. Амир Исмоил ~амлаи <ав$ кард бар а~ли Фар@она ва Абулашъас ба ~азимат рафт то Самар<анд. А~ли Самар<анд хостанд, ки \ро бигиранд аз он, ки бародари худро монда буд ва (гурехта буд). Абулашъас аз Самар<анд бозгашту ба Рабан|ан омад. Ва амир Исмоил А~мад ибни М\сои Марзу<ро асир карду ба Бухоро фиристод ва дигарбора лашкари Бухоро ~азимат шуд ва амир Исмоил бар |ой истода буду бо вай андак мардум монда буданд. Ва аз маъруфон Симоъ ал-Кабир бо вай буд. Амир Исмоил кас фиристоду аз @уломону маволи}н ~ар к$ гурехта буд, ~амаро |амъ кард. Ва Ис~о< ибни А~мадро аз Фараб боз овард. Ва @ози}ни Бухоро низ ду ~азор мард берун омаданду лашкари <ар$* |амъ карданд. Ва ~амаро улуфа бидод. Ва амир Наср ба Рабан|ан бирафту кори лашкар бисохт ва бозгашт. Ва амир Исмоил пеш-пеши вай бозрафт ба де~аи Возбадин ва он |о |амъ шуданду ~арб дарпайвастанд. Р\зи сешанбе понзда~уми мо~и |умодиюлохир, сол бар дувисту ~афтоду пан| (275/888) амир Исмоил бар лашкари Фар@она зафар }фт. Ва Абулашъас ба ~азимат рафт ва лашкар ~ама ~азимат шуда буданд. Ва амир Наср бо мардуми андак бимонд. Вай низ ба ~азимат шуд. Амир Исмоил |амоъате аз хоразми}н(ро) бонг барзаду аз амир Наср дур кард. Ва аз асб фуруд омаду рикоби \ро б\са дод. Ва Симоъ ал-Кабир @уломи падари эшон буд ва сипа~солор. Ва (ба) Симоъ ал-Кабир кас фиристод. (Ва амир Исмоил \ро хабар дод аз ин ~ол). Наср ибни А~мад аз асб фуруд омад ва ни~олин бияфканду биншаст. Ва амир Исмоил бирасиду хештан аз асб бияндохт, пеш омад ва ни~олинро б\са доду гуфт: “{ амир, ~укми худой ин буд, ки маро бар ту берун овард. Ва мо имр\з ба чашми хеш мебинем ин кор бад-ин азимиро”. Амир Наср гуфт: “Мо мутаа||ибем бад-ин кор, ки ту овард$, ки итоати амири худ надошт$ ва фармоне, ки худои таъоло бар ту карда буд, нагузорид$”. Амир Исмоил гуфт: ”{ амир, ман му<иррам, ки хато кардам ва ~ама гуно~ марост. Ва ту авлотар$ ба фазл, ки ин гуно~и бузург аз ман даргузарон$ ва авф кун$“. Эшон дар ин сухан буданд, ки бародари дигар - Ис~о< ибни А~мад бирасид ва аз асп фур\ на}мад. Амир Исмоил гуфт: “{ фулон, худовандгори хешро фур\ на}$?” Ва дашном додаш ва хашм гирифт бар вай. Ис~о< зуд фуруд омаду дар пои Наср афтод. Ва заминро б\са доду узр хост, ки ин аспи ман тавсан аст ва аз вай зуд фур\ натавон омадан. Ин сухан тамом кард. Амир Исмоил гуфт: “{ амир, савоб он аст, ки зуд ба ма<арри иззи хеш бозгард$, пеш аз он ки ин хабар он |о расад ва

раъият биш\ранд дар ми}ни Моваройунна~р". Амир Наср гуфт: "{ Аб\ибро~им, ин ту$, ки маро ба |ои хеш мефирист$?". Амир Исмоил гуфт: "Ин накунам, ч$ кунам? Ва бандаро бо худовандгори хеш |уз ин муомила нашояд кардан, ки ~ар ч$ ки муроди ту бошад". Ва амир Наср сухан мегуфту об аз чашми \ меборид ва пушаймон$ мех\рд бар он ч$ рафта буд ва бар хун~ои рехташуда. Он го~ бархосту барнишаст. Амир Исмоилу бародар - Ис~о< рикоб~о гирифтанд ва \ро бозгардониданд. Ва Симоъ ал-Кабиру Абдулло~ ини Муслимро бар мушояа фиристод. Як манзил рафтанд. Амир Наср эшонро бозгардонид ва ба Самар<анд рафт.

Ва он р\з, ки Наср ибни А~мад асир буд, ~амчунон сухан мегуфт бо он <авм, (ки) дар ай}ме, ки амир буду бар тахт нишаста буд ва эшон ба хидмат пеши \ истода буданд.

Ва амир Наср аз баъди \ ба ча~ор сол вафот }фт, ~афт р\з монда буд аз мо~и |умодиюлаввал, дар соли дувисту ~афтоду н\~ (279/892). Ва амир Исмоилро халифа кард бар |умлаи аъмоли Моваройунна~р ва бародари дигару писари хешро ба фармони \ кард.

Ва чун амир Наср аз дун} бирафт, амир Исмоил аз Бухоро ба Самар-<анд рафт ва мулк рост кард. Ва писари \ А~мад ибни Насрро халифаи худ биншонд. Ва вай аз он |о @азв пеш гирифт. Ва амир Исмоил ба Бухоро омада буд бист сол, то он го~, ки бародар аз дун} бирафт ва |умла Моваройунна~р ба вай дод.

Ва чун хабари вафоти амир Наср ба амирулм\ъминин М\ътазид Билло~ расид, маншури амали Моваройунна~р ба амир Исмоил бидод дар мо~и му~аррам, ба таърихи дувисту ~аштод (280/893). Ва вай ба ~амин таърих ба ~арб ба Тароз рафту бис}р ран| дид. Ва ба охир амири Тароз берун омад ва ислом овард бо бис}р де~<онон ва Тароз кушода шуд. Ва калиси}и бузургро мас|иди |омеъ карданду ба номи амирулм\ъминин М\ътазид Билло~ хутба бихонданд. Ва амир Исмоил бо бис}р @анимат ба Бухоро омаду ~афт сол подшо~$ кард ва амири Моваройунна~р буд, то он гох ки Амри Лайс бузург шуд. Ва баъзе аз Хуросон бигирифт ва р\й ба @азв ни~од.

Ва Ал$ ибни ^усайн, ки амир буд, аз А~мад, ки амири К\зкони}н* буд, }р$ хост. ]авоби нек\ на}фт. Аз ]ай~ун бигузашту ба наздики амир Исмоил омад ба Бухоро. Амир шод шуд ва вай(ро) пеш рафт бо сипо~ ва ба эъзозу икром ба Бухоро даровардан. Ва бис}р неъмат ба назди вай фиристод. Ва Ал$ ибни ^усайн ба Фараб рафту сезда~ мо~ он |о бошид. Ва амир Исмоил пайваста ба наздики \ ~адя~о фиристодиву вайро нек\ дошт$. Ва Ал$ ибни ^усайн он |о мебуд то писараш ~ам \ро бикушт ба Фараб дар ~арб.

Амри Лайс нома кард ба Аб\довуд, ки амири Балх буд ва ба А~мад ибни Фари@ун, ки амири К\зкони}н буд ва ба амир Исмоил, ки амири Моваройунна~р буд. Ва мар эшонро ба тоати хеш хонду а~д~ои нек\ кард. Ва ин~о ба фармони \ пеш рафтанду хидмат намуданд. Расул ба наздики амир Исмоил омаду нома бидод ва аз итоат намудани амири Балху К\зкони}н хабар дод ва гуфт:"Ту бад-ин итоат намудан сазовортариву бузургвортар$ ва <адри подшо~$ ту бе~тар дон$, ки подшо~зода$". Амир Исмоил |авоб дод, ки: "худованди ту бад-ин нодон$ аст, ки маро бо эшон яке мекунад. Ва эшон маро бандаанд. ]авоби ман ба шамшер турост. Ва ми}ни ману \ |уз ~арб нест. Бозгарду \ро хабар де~, то асбоби ~арб соз кунад."

Амри Лайс бо амирону бузургон тадбир карду аз эшон }р$ хост дар кори амир Исмоили Сомон$ ва гуфт: "Дигар касе бояд фиристодану суханони хуш бояд гуфтан ва ваъда~ои хуб бояд кардан". Пас |амоъате аз машоихи Нишобурро аз хосагони хеш бифиристоду нома бинвишт. Ва дар нома }д кард, ки ~арчанд амирулм\ъминин ин вилоят моро дод, валекин туро бо худ шарик кардам дар мулк. Бояд ки маро }р бош$ ва дил бо ман хуш дор$, то ~е| бадг\ ми}ни мо ро~ на}бад. Ва ми}ни мо д\стиву ягонаг$ бувад. Ва он ч$ пеш аз ин гуфта будем, аз ро~и густох$ буд, аз сари он даргузаштем. Бояд ки вилояти Моваройунна~р нига~ дор$, ки сар~ади душман аст. Ва раъиятро темор дор$. Ва мо он вилоятро ба ту арзон$ доштем ва |уз хушнудиву ободонии хонумони ту нахо~ем. Ва аз маъруфони Нишобур чандеро фиристоду

гуфт:”Моро бар ~е| кас эътимод нест, |уз ба ту, бояд ки ту низ бар мо эътимод кун$ ва бо мо а~д кун$, то ми}ни мо д\ст$ устувор гардад”.

Ва чун хабари фиристодаи Амри Лайс ба амир расид, ба лаби ]ай~ун фиристоду ра~о накард, то аз об бигзарад. Ва чизе, ки оварда буданд, (аз) эшон нагирифтанд ва на}варданд. Ва онро ба хор$ бозгардониданд. Ва Амри Лайсро хашм омад, ~арбро рост сохт. Ва Ал$ ибни Сурушро, ки сипа~солори \ буд, бо сипо~ фармуд, ки биравад ва ба Омуя лашкарро фуруд орад. Ва ба гузаштан шитоб накунад, то он го~, ки бифармоям. Ва аз паси \ сипа~солори дигаре, (ки) Му~аммад ибни Лайс буд, бо пан| ~азор мард бифиристоду гуфт: “Бо Ал$ ибни Суруш тадбир кунед ва сипо~ро бидоред. Ва ~ар к$ аз он |о ба амон ояд, амон ди~еду нек\ доред. Ва кишти~о сохта кунеду |осусон фиристед”. Ва Амри Лайс лашкар~о па}пай мефиристод.

Чун амир Исмоил хабар }фт, аз Бухоро бо бист ~азор мард тохтан карду ба лаби ]ай~ун рафт ва ного~ шабехун бурд ва аз ]ай~ун бигзашт ба шаб. Ва Ал$ ибни Суруш хабар }фт. Зуд барнишасту сипо~ро сило~ дод ва пи}дагонро пеш фиристод ва ~арб дарпайваст. Ва аз ~ар с\ лашкари амир Исмоил медаромад. Ва ~арб сахт шуд. Ва Му~аммад ибни Ал$ ибни Суруш баргашт ва \ низ гирифтор шуд. Ва аз маъруфони Нишобур бисёр гирифтор шуданд. Ва дигар р\з амир Исмоил сипо~и Амри Лайсро бинвохту улуфа дод ва ~амаро ба наздики Амри Лайс фиристод. Бузургони лашкар бо амир Исмоил гуфтанд: “Ин~о, ки бо мо ~арб карданд, чун бигирифт$, ~амаро хилъат дод$ ва боз пас фиристод$”. Амир Исмоил гуфт: “Ч$ хо~ед аз ин бечорагон? Бимонед, то ба мулки хеш бираванд. Эшон ~аргиз ба ~арби шумо бозна}янд ва дигарон дил табо~ кунанд”. Ва амир Исмоил бозгашт ва бо бис}р симу |омаву зару сило~ ба Бухоро бозомад.

Ва аз баъди он як сол Амри Лайс ба Нишобур бошид @амноку анд\~-гину пушаймон ва мегуфт: “Ман кини Ал$ ибни Сурушу писар бозхо~ам”. Ва чун амир Исмоил хабар }фт, ки Амри Лайс тадоруки ~арб месозад, вай мар сипо~и хешро гирд карду улуфаи эшон бидод ва аз ~ар с\ р\й ба эшон ни~од ва мар а~лу ноа~лро ва |уло~а ~амаро улуфа бидод. Ва мардумро аз ин сахт меомад ва мегуфт: “Бо ин лашкар бо Амри Лайс ~арб хо~ад кардан”. Ва ин хабар ба Амри Лайс расид, шод шуд. Ба лаби ]ай~ун буд. Мансури &аротекину Пораси Байканд$ аз Хоразм ба Омуя омаданд. Ва аз вилояти Туркистону Фар@она с$ ~азор мард (расид). Ва бисту пан|уми зул<аъда* Му~аммад ибни ^орунро бо му<аддимаи лашкар фиристод ва худ р\зи дигар берун рафт ва аз ]ай~ун бигзашт ва сипо~ аз ~ар |ой ба Омуя гирд кард. Ва аз Бухоро ба ша~ри Хоразм рафтанд ва то душанбеи дигар кор рост карданд. Ва аз он |ой р\й ба Балх оварданд ва Амри Лайс шористони ~исор бигрифт ва худ пеши шористон сипо~ фуруд овард. Ва лашкар ба рада гирд бар гирди ханда< бигрифт. Ва чанд р\з буд, то сипо~ даромаду бора~о устувор кард. Ва ба мардум чунон намуд, ки ман аз ша~ри шумо гардам ва мардумро дилхуш кард. Ва амир Исмоил Ал$ ибни А~мадро ба Фор}б фиристод ва фармуд, то кордорони Амри Лайсро бикуштанд. Ва бис}р мол би}варданд. Ва аз ~ар |ое касон фиристод, то касони Амри Лайсро мекуштанду мол меоварданд.

Ва амир Исмоил ба Алиободи Балх фуруд омад ва се р\з он |о ма<ом кард. Ва аз он |о лашкар бардошту чунон намуд, ки ба намозго~ хо~ад фуруд омад. Ва он ро~(ро) фарохтар фармуд карданд. Чун Амри Лайс чунон бидид, он |ониб дарвоза~о устувор кард ва лашкар бад-он |ониб пеш дошт ва ман|ани<~ову аррода~о бад-он |ониб рост кард. Ва ба ро~и намозго~ камин ни~оду чанд |ой лашкарро маш@ул кард. Пас, чун бомдод шуд, амири моз$ ро~ бигардонид ва ба ро~и дигар ба дарвозаи ша~р рафт ва ба Пули Ато фуруд омад. Амри Лайс аз ин кор ба таа||уб монд. Ва ман|ани<~о низ бад-он |ониб боист бурдан. Ва амир Исмоил се р\з он |о бошид ва бифармуд, то об аз ша~р бозгирифтанд ва девор ~амеафканданд. Ва дарахтон ~амеканданд ва ро~~оро паст карданд, то р\зи сешанбе, бомдод, ки амир Исмоил ба андак сипо~ барнишаст ва ба дари ша~р рафт. Амри Лайс берун омаду ~арб дарпайваст. Ва ~арби сахт шуду лашкари вай ба ~азимат шуданд. Ва лашкар дар паи эшон ~аметохт. Ва баъзеро ~амекуштанд ва баъзеро мегирифтанд, то ба ~ашт

фарсанги Балх бирасиданд. Амри Лайсро диданд бо ду чокар: яке бигурехту он дигар$ ба Амри Лайс даровехт. Пас Амри Лайсро бигирифтанд. Ва ~ар кас мегуфт, ки Амри Лайсро ман гирифтам. Амри Лайс гуфт: “Маро ин чокари ман гирифтааст”. Ва Амри Лайс мар он чокарро понзда~ дона марворид додааст, <имати ~ар яке ~афтод ~азор дирам. Он марворид~о аз он @улом бистаданд. Ва гирифтани Амри Лайс ча~оршанбе буд, да~уми мо~и |умодиюлаввали соли дувисту ~аштоду ~ашт (288/901).

Ва Амри Лайсро пеши амир Исмоил оварданд. Амри Лайс хост, ки пи}да шавад. Амири моз$ дастур$ надоду гуфт: “Ман имр\з бо ту он кунам, ки мардумон а|аб доранд”. Ва бифармуд, то Амри Лайсро то ба саропарда фуруд оварданд ва бародари хешро ба ниго~ доштани \ фиристод. Ва аз паси ча~ор р\з амирро бидид. Амри Лайсро бифармуд, то бипурсиданд, ки ч$ гуна гирифтор шуд$. Гуфт: “^аметохтам, аспам фур\ монд, фуруд омадаму хуфтам. Ва ду @улом дидам бар сари ман истода. Яке аз эшон този}на ра~о карду бар бинии ман бини~од. Гуфтам: “Аз ин пирамард ч$ мехо~$?” Савганд додам мар эшонро, ки маро ~алок накунанд. Фуруд омаданду пои маро б\са доданд ва маро зин~ор доданд. Яке аз эшон маро бар асб нишонд. Ва мардумон |амъ омаданду гуфтанд: “Бо ту чист?”. Гуфтам: “Бо ман чанд марворид аст, <имати ~ар яке ~афтод ~азор дирам”. Ва ангуштарии хеш бидодам. Ва м\за аз пои ман берун карданд. Лахте гав~ар~ои гаронба~о }фтанд. Ва сипо~ маро андар }фт. Ва Му~аммадшо~ (?) мардумонро аз ман боз ~амедошт ва дар ин ми}н амир Исмоилро дидам аз дур. Хостам, ки фуруд оям. Ба |ону сари хеш савганд додам, ки фур\ маой. Дили ман <арор гирифт. Ва маро ба саропарда фуруд овард. Ва Аб\юсуф бо ман нишасту маро боз дошт. Ва чун об хостам, маро |улоб доданд ва дар ~а<<и ман анвои эъзозу икром намуданд. Пас амир Исмоил наздики ман андар омаду маро бинвохт ва а~д кард, ки туро накушам. Ва бифармуд, то маро дар амор$ нишонанд ва ба ~урмат ба ша~р расонанд. Ва ба шаб маро ба ша~ри Самар<анд даровардаанд, чунонки аз а~ли Самар<анд ~е| касро хабар набуд. Ва амир Исмоил ангуштарии ман бихарид аз он кас, ки бо вай буд, ба се (~азор) дирам. Ва ба~ои он бидод ва ба наздики ман фиристод ва нигини ангуштар$ }<ути сурх буд”. Ва Амри Лайс гуфт, ки “р\зи ~арб бо ман чи~ил ~азор дирам буд, ки дар |анг бурданд ва ман бар аспе будам, ки пан|о~ фарсанг ро~ рафт$. Ва бис}р озмуда будам. Имр\з ~амон асп чунон суст ~амерафт, ки хостам фуруд оям. Пой~ои асп ба |\й фур\ шуд. Ва аз асп фур\ афтодам ва аз хештан навмед гаштам чун он ~арду чокар <асди ман карданд, он кас, ки бо ман буд, \ро гуфтам: “Бар аспи ман бинишину бигрез”. Вай бар аспи ман бинишаст. Ниго~ кардам, чун абр ~амерафт. Донистам, ки он аз бедавлатии ман будааст, айби асп набудааст”.

Амри Лайс амир Исмоилро гуфт: “Ман ба Балх да~ хирвор зар пин~он кардаам. Бифармой, то би}варанд, ки имр\з бад-он сазовортар$”. Амир Исмоил кас фиристод ва би}варданд. |умларо ба наздики Амри Лайс фиристод. Ва амир Исмоил(ро), ра~има~улло~, ~арчанд ил~о~ карданд, ~е| <абул накард. Ва номаи амирулм\ъминин ба Самар<анд расид ба талаби Амри Лайс. Унвони нома чунин навишта буд, ки “Мин Абдилло~ ибн ал-Имом Абулаббос ал-М\ътазид Билло~-амирилм\ъминин ило Абиибро~им Исмоил ибн А~мад мавло амирилм\ъминин”*. Чун нома ба амир Исмоил расид, анд\~гин шуд аз |и~ати Амри Лайс. Фармони халифаро рад натавонист кардан. Фармуд, то Амри Лайсро дар амор$ нишонда ба Бухоро оварданд. Ва амир Исмоил аз шарм р\й ба вай нанамуд. Ва кас фиристод, ки агар ~о|ате дор$, бихо~. Амри Лайс гуфт: “Фарзандони маро нек\ дор. Ва ин касоне, ки маро мебаранд, васият кун, то эшон маро нек\ доранд”. Амир Исмоил ~амчунон кард. Ва дар амор$ (нишонда) \ро ба Ба@дод фиристод. Ва чун ба Ба@дод расид, халифа \ро ба Софии ходим супурд. Ва вай дар банд мебуд пеши Софии ходим то охири а~ди М\ътазид. Ва вай ду сол дар зиндон буд, то кушта шуд ба таърихи дувисту ~аштод (280/893-894). Ва чун амир Исмоил Амри Лайсро наздики халифа фиристод, халифа маншури Хуросон ба вай фиристод ва аз а<абаи ^улвону вилояти Хуросону Мовароунна~ру Туркистону Синду ^инду Гургон - ~ама \ро шуд. Ва бар ~ар ша~ре

амире насб кард ва осори адлу сирати хуб зо~ир кард. Ва ~ар к$ зулм кард$ бар раъият, г\шмол дод$. Ва ~е| кас аз Оли Сомон боси}саттар аз вай набуд. Бо он ки зо~ид буд, дар кори мулк ~е| му~обо накард$ ва пайваста халифаро итоат намуд$. Ва дар умри хеш як соат бар халифа ос$ нашуд$ ва фармони \ро ба@оят устувор дошт$.

